# Фарҳанги институтсионалӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ:

## чорчӯбаҳоии мониторинги пешгирикунанда



**Ҳуҷҷати таълимии манбаъвӣ барои мониторинги ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ**

**Нашри дуюм**

Нашрия Қоидаҳои стандартии ҳадди аққали муносибат бо маҳбусонро, ки соли 2015 таҷдиди назар карда шудааст (Қоидаҳои Нелсон Мандела), дар бар мегирад

**Фарҳанги институтсионалӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ: чорчӯбаҳоии мониторинги пешгирикунанда**

Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо ва Иттиҳод оид ба пешгирии шиканҷа ба Ҷем Стивенс барои таҳияи санади мазкур изҳори сипос менамоянд.

Ҳуҷҷати мазкур дар доираи лоиҳаи Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо - «Тақвияти институтҳо ва зиёд намудани иқтидори ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бар зидди шиканҷа дар нӯҳ кишвари ИДМ», дар ҳамкорӣ бо Иттиҳод оид ба пешгирии шиканҷа ва бо дастгирии молиявии воситаи Аврупои оид ба рушди демократия ва ҳуқуқи инсон, таҳия шудааст.

Нашри такрорӣ ва таҷдиди ҳуҷҷати мазкур бо мақсади дар он илова намудани Қоидаҳои стандартии ҳадди аққали муносибат бо маҳбусон, ки соли 2015 таҷдиди назар карда шудааст (Қоидаҳои Нелсон Мандела) бо дастгирии молиявии Ҳукумати Британияи Кабир имконпазир шуд.

Тарҷумаи ҳуҷҷати мазкур бо дастгирии Хазинаи демократии СММ дар доираи лоиҳаи «Мустаҳкам намудани волоияти қонун дар Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон» омода карда шудааст.

Муҳтавои ҳуҷҷати мазкур масъулияти истисноии Ислоҳоти байналмилалии маҳбасхонаҳо мебошад ва ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад мавқеи Иттиҳоди Аврупо, Ҳукумати Бритониёи Кабир ё Хазинаи демократияи СММ маҳсуб ёбад.

Азназаргузаронии бемаҳдуд, маърӯзакунӣ, таҷдид кардан ва тарҷумаи тамоми ҳуҷҷат ё қисмҳои он иҷозат дода шудааст, аммо на барои фурӯш ё истифода бо мақсади тиҷорат. Ворид намудани ҳама гуна тағйирот ба матни ин нашрия бояд бо розигии Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо амалӣ карда шавад. Истинод ба Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо ва маводи мазкур ҳангоми иқтибос овардан ҳатмист. Дархостҳо тариқи суроғаи электронии publications@penalreform.org ирсол карда шаванд.

Ороиши матн дар муқова - Ҷон Бишоп.

Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо (Penal Reform International)
60–62 Commercial Street
E1 6LT Лондон, Британияи Кабир

Тел: +44 (0) 20 7247 6515
Суроғаи электронӣ: publications@penalreform.org www.penalreform.org

Иттиҳод оид ба пешгирии шиканҷа (Association for the Prevention of Torture)
PO Box 137
CH-1211 Женева 19 Швейтсария

Тел: +41 (22) 919 21 70
Суроғаи электронӣ: apt@apt.ch
www.apt.ch

© Penal Reform International 2013

**Нашри дуюм © Penal Reform International 2015. Аввалин бор соли 2013 ба нашр расонида шудааст. Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо (PRI) созмони ғайриҳукуматии мустақил мебошад, ки дар ҷавоб ба мушкилотҳои дар соҳаи адолати судии ҷиноӣ дар тамоми ҷаҳон ҷойдошта тадбирҳои одилона, самаранок ва мутаносибро таҳия ва пешбарӣ менамояд.**

Мо чораҳои алтернативиро нисбат ба ҳабс, ки ба тавонбахшии ҳуқуқвайронкунандагон мусоидат мекунанд пешбарӣ менамоем, аз ҷумла ба риояи ҳуқуқи шахсони дар ҳабс қарор дошта ба муносибати одилона ва башардӯстона. Мо баҳри роҳ надодан ба шиканҷа ва бекор кардани ҷазои қатл баромад намуда, кори мо ба таъмини муносибати одилона ва муносиб бо занону кӯдаконе, ки бо қонун дар мухолифат омадаанд, равона шудааст.

Айни замон мо барномаҳоро дар Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ, дар давлатҳои Африқоӣ дар ҷануб аз Сахара, Аврупои Шарқӣ, Осиёи Марказӣ ва Қафқози Ҷанубӣ амалӣ намуда, бо шарикони худ дар Осиёи Ҷанубӣ кор мекунем.

Барои гирифтани ахбори ҳармоҳаи электронии мо, лутфан дар суроғаи зерин худро бақайд гиред: www.penalreform.org/keep-informed.

# Мундарича


**Муқаддима ..... 5**

**Консепсия: фаҳмиши фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ..... 6**

1. Тасаввуроти ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ чиро дар бар мегирад? ..... 6

2. «Фарҳанг» дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ чӣ маъно дорад? ..... 7

3. Чӣ тарз фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ташаккул меёбад?..... 7

4. Ифро кардани мафҳуми «фарҳанг» дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ..... 8
   a. Хусусиятҳои калони фарҳангӣ..... 8
   b. Хусусиятҳои начандон калони фарҳангӣ ..... 9

**Омилҳои хавфи фарҳангӣ дар масъалаҳои истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ..... 10**

1. Ҳуқуқи инсон ва пешгирии шиканҷа дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ..... 10

2. Кадом ҷанбаҳои фарҳанг хатари ба вуҷуд овардани омилҳои истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ дар худ таҷассум мекунанд?..... 11
   a. Маҳбусон ҳеҷ гуна ҳуқуқ надоранд..... 11
   b. Гум кардани айният ..... 11
   c. Табъиз ..... 12
   d. Бехатарӣ дар ҷои аввал ..... 13
   e. Фарҳанги зуроварӣ ..... 13
   f. Истифода аз мавқеи мансабӣ ба манфиати шахсӣ ..... 13
   g. «Мо ва онҳо» ..... 14
   h. Фарҳанги беҷазоӣ..... 14

3. Ин омилҳои хавфро дар куҷо муайян кардан мумкин аст?..... 15
   a. Фарҳанги бартаридошта ва субкултураҳо ..... 15
   b. Иерархияи ғайрирасмӣ дар байни маҳбусон ..... 15
   c. Низомҳои худидоракунанда дар байни маҳбусон..... 16

4. Бадтаргардии фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ..... 16

**Тағйир ёфтани фарҳанги ҳуқуқи инсон дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ................................ 17**

1. Тағйир ёфтани фарҳанги ҳуқуқи инсон чӣ маъно дорад? ................................................................ 17

2. Афзалияти тағйир ёфтани фарҳанги ҳуқуқи инсон ................................................................ 17

3. Ташаббусҳо барои тағйир додани фарҳанги ташкилӣ ................................................................ 18
 a. Раванди иштирок ................................................................ 18
 b. Амалӣ намудани роҳбарии масъулиятнок ................................................................ 19
 c. Тағйири парадигми: фаҳмиши дақиқи бо ҳуқуқи инсон асос ёфта ................................ 19
 d. Сохтори фаъолияткунандаи ташкилот ................................................................ 19
 e. Сиёсат ва равандҳо ................................................................ 20
 f. Низоми бехатарии динамикӣ ................................................................ 20
 g. Нишонаҳои фарққунанда ва забон ................................................................ 20
 h. Фазои ҷисмонӣ ................................................................ 21
 i. Ба кор қабулкунӣ, тақсимоти вазифаҳо ва аз кор хориҷ намудани кормандон .................... 21
 j. Тайёрӣ (омӯзиш) ................................................................ 22
 k. Назорат ва пурқувватсозӣ................................................................ 22
 l. Ҳали масъалаҳо вобаста ба зиддиятҳои ташкилӣ: нишон додани онки тағйиротҳо барои ҳама беҳтар аст ................................................................ 23

4. Дар мавзӯи рӯз ворид намудани масъалаҳои вобаста ба тағйири фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ................................................................ 23
 a. Дар мавзӯи рӯз ворид намудани масъалаҳои вобаста ба тағйири фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ................................................................ 23
 b. Дастрасӣ ба ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ................................................................ 24
 c. Қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ ҳамчун қувваи пешбаранда дар тағйири фарҳанг ......... 24
 d. Таъсири дигар муассисаҳо ва субъектон ба фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ................................................................ 25
 e. Зарурати тағйири фарҳанг дар ҷомеа................................................................ 25

**Ташкилотҳои мониторингиро ҷиҳати тағйир додани фарҳанг чӣ бояд кард?................................ 26**

# Муқаддима

Дар қисмати мазкур тағйиротҳои мусбати фарҳанги ташкилӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқи инсон баррасӣ карда мешаванд . Одамони аз озодӣ маҳрумшуда ба зӯроварӣ, аз ҷумла шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона осебпазир мешаванд[1]. Ташкилотҳое, ки ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодиро мониторинг мегузаронанд, дар пешгирии шиканҷа тавассути муайян кардани сабабҳои мушаххас ва андешидани чораҳо оид ба коҳиши хатари истифодаи шиканҷа нақши муҳимро иҷро менамоянд. Фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ҳамчун омили муҳими низомӣ баромад менамояд, ки ҳангоми таҳияи чораҳои пешгирӣ аз шиканҷа бояд ба назар гирифта шавад.

Фарҳанг бениҳоят муҳим аст, чунки он дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ба рафтори ҳамаи шахсон, ҳам кормандон ва ҳам маҳбусон бевосита таъсир мерасонад. Бо дар назар доштани самти рушди фарҳанг, чӣ гуна он метавонад ба ҳаёти ҳаррӯзаи маҳбусон таъсири мусбат ё манфӣ расонад вобастагӣ дорад. Аз ҷумла, таҷриба нишон медиҳад, ки ҳангоми баъзе аз дастурҳо ва арзишҳо ҳамчун меъёрҳои фарҳангӣ қабул карда шаванд, онҳо метавонанд ба муносибате оварда расонанд, ки шаъну шарафи инсон ва ҳуқуқҳои маҳбусонро халалдор кунанд. Онҳо дар худ омилҳои фарҳангии хатари истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро таҷассум менамоянд.

Фаҳмиши хубтари он ки чӣ гуна меъёрҳои фарҳангӣ ташакул ва мустаҳкам мегарданд, ба самараноктар муайян кардани ин омилҳои хавф ва қабули чораҳо барои коҳиш додани сатҳи онҳо тавассути тағиротҳои мусбати фарҳангӣ кӯмак мекунад. Арзиши иловагии ин нуқтаи назар дар он аст, ки таваҷҷуҳ ба онҳо берун аз доираи чорчӯбаи истифодаи  амалҳои шиканҷа ва ё масъалаҳои истифодаи ҷиддии меъёрҳои қонунгузорӣ ҷиҳати баррасии муносибатҳои муайяне, ки рафторро муайян мекунанд васаътар зоҳир мегардад. Дар ниҳояти кор, танҳо тавассути тағйироти рафтор метавон зиндагии ҳаррӯзаи маҳбусонро беҳтар кард ва бо ҳамин тариқ хатари истифодаи шиканҷаро кам намуд.

Ҳамзамон мушкилиҳои зиёде мавҷуданд, ки ҳангоми кор дар самти тағири фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҷониби ташкилотҳои ҳуқуқҳифзкунанда аксар вақт ба назар гирифта намешаванд. Дар таҷриба, фарҳангро метавонанд ҳамчун фаҳмиши ночиз ва номақбул қабул намоянд. Кӯшиши ташакули фарҳангро дар асоси ҳуқуқи инсон – кори ниҳоят мушкил ва дарозмуддат аст. Бо вуҷуди ин ва дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда ва таҷрибаи мавҷуда, имконияти муайян намудани баъзе равандҳо ва омилҳое, ки дар татбиқи ин тағирот мусоидат мекунанд, дида мешавад.

Ташкилотҳои мониториингӣ  дорои  имконияти хуби баамал баровардани  фаъолият ҷиҳати расидан ба тағйироти мусбати фарҳангӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ мебошанд. Онҳо ба бинохо, кормандони маҳбасҳо ва маҳбусон дастрасӣ доранд, ки барои муайян кардани рафтору арзишҳои муқарраршудаи ҷойдошта дар муассисаҳои мазкур зарур мебошад. Дар асоси малака ва таҷрибаи худ, ташкилотҳои мониторингӣ аксаран метавонанд сохторҳо, низомҳо ва қоидаҳои нонавишташударо муайян ва дарк кунанд, ки мушоҳидаи онҳо барои дигарон душвор аст. Ба ташкилотҳои мониторингӣ зарурати мустақиман ба ҷараёни тағйири фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ҷалб шудан аз омилҳои мухталиф вобастагӣ дорад. Инҷо зарурати тағйир додани фарҳанг (мавҷудияти омилҳои хавф мисли фарҳанги истифодаи шиканҷа), аз ҷумла салоҳияти худи ташкилот ва хусусияти хоси ҳамкориҳои он бо мақомоти давлатӣ дохил мебошад. Аммо, баррасии масъалаҳои вобаста ба фарҳанги алакай вуҷуддошта имкон медиҳад, ки арзиши иловагии муҳим ба даст оварда, барои фаъолияти онҳо заминаи мусоид фароҳам орад.

[1] Ин қисмат дар доираи лоиҳаи Иттиҳод оид ба пешгирии шиканҷа (ART) ва Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо (PRI) «Воситаи арзёбии барои таҳлили самаранокии ММП (Механизми миллӣ пешгирикунанда)» таҳия шудааст. Қисмати мазкур бо мақолаи Ҷем Стивенс мутобиқ карда шудааст, «Changing Cultures in Closed Environments»: What works? Law in Context, Нашрияи 31, 2014с., саҳ. 228-260.

Ин қисмат дар мавриди аввал барои ташкилотҳое, ки дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ мониторинг мегузаронанд пешбинӣ шуда, ба самтҳои зерин равона шудааст:

- баланд бардоштани сатҳи огоҳии ташкилотҳои мониторингӣ вобаста ба нақши фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ дар пешгирии истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона;
- таъмини замина барои фаҳмиши фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ (Қисми I).
- тавсифи баъзе муносибатҳои умумии фарҳангӣ, ки дар худ омили хатари шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро доранд (Қисми II);
- овардани мисоли намунаҳои равандҳо ва омилҳое, ки дар амалӣ намудани тағйироти мусбати фарҳангӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ мусоидат менамоянд (Қисми III).

# Консепсия: фаҳмиши фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ

## 1. Тасаввуроти ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ чиро дар бар мегирад?

Ин ҷойҳое мебошанд, ки ҳудуди онро одамон бо иродаи худ тарк карда наметавонанд, ба истиснои иҷозат ва ё розигии мақомоти давлатӣ[2]. Ба чунин муассисаҳо маҳбасҳо, изоляторҳои нигоҳдории муваққатӣ, марказҳои нигоҳдории муваққатии муҳоҷирон, беморхонаҳои рӯҳӣ ва хонаҳои пиронсолон дохил мебошанд. Инчунин дар ин ҷо ҳолатҳое дохил мешаванд, ки ба ҳабс кардан ва ба ҷои дигар кучонидани маҳбусон вобастагӣ доранд[3]. Бисёр намудҳои гуногуни муассисаҳое мавҷуданд, ки дар дохили онҳо ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ мавҷуд буда (минбаъд «ҷойҳои дар ҳабс нигоҳ доштан»), онҳоро ба як умумият овардан мушкил мебошад. Аммо, ҳангоми баррасии масъалаҳои фарҳангҳои мавҷудбуда дар ин муассисаҳо, принсипҳои умумии зеринро бояд ҷудо намоем:

- Муассисае, ки дар он ҷо шахсон нигоҳ дошта мешаванд, диққати асосиро ба одамон равона мекунанд (онҳо маҳбусон ва маъмурияти маҳбасҳо мебошанд). Муносибати байни ин ду гурӯҳ дар муайян кардани фарҳанги ташкилот нақши асосӣ дорад[4];
- Ин муносибатҳо нобаробар мебошанд: ба кормандон салоҳият ва қудрат дода шуда, маҳбусон бошанд барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҳаррӯзаи худ ва амалишавии ҳуқуқҳояшон аз онҳо вобастагӣ доранд;
- Ҷойҳои дар ҳабс нигоҳ доштан аз ҷаҳони берунӣ пӯшида мебошанд, ки дар натиҷа меъёрҳои фарҳангӣ дар ин муассисаҳо беназорат инкишоф меёбанд;
- Муассисаҳои мазкур ба тобеъияти вазоратҳои гуногун дохил мешаванд, масалан, вазоратҳои мудофиа, корҳои дохилӣ, адлия ва тандурустӣ, ки охирони онҳо ба фарҳанг дар ин муассисаҳо таъсири назаррас доранд;
- Ин муассисаҳо метавонанд ба институтҳои дигар - давлатӣ ва хусусӣ ҳисоботдиҳанда бошанд, аммо, одатан ҳамаи онҳо дорои низоми иерархӣ ё бюрократии ташкилотӣ бо сохтори дақиқи идоракунӣ ва низоми тобеият мебошанд;
- Онҳо дар доираи низоми васеи институтсионалӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҷазои маҳрумият аз озодиро ба танзим медароранд, амал мекунанд.

[2] моддаи 4 протоколи факултативӣ ба Конвенсияи СММ бар зидди шиканҷа (КЗШ). См. APT, Guide to the Establishment and Designation of NPMs, 2006с., саҳ.18.
[3] APT/IIDH (аз ҷониби институти байниамерикоии ҳуқуқи инсон), The OPCAT: Implementation Manual, 2010с. саҳ.48-55.
[4] A Coyle, Change Management in Prisons (upcoming chapter in Understanding Prison Staff received from the author) стр. 241.

## 2. «Фарҳанг» дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ чӣ маъно дорад?

«Фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ» маънои муносибат ва арзишҳои муштараки кормандон ва маҳбусонро, ки ҷанбаҳои рафтории дохили муассисаро муайян мекунанд, дорад. Дар ин ҷо тасавуротҳои умумие, ки дар шароити дар ҳабс будан муҳим мебошанд, чӣ тарз бояд барои ҳалли мушкилот муносибат кард ва чӣ гуна рафтор қобили қабул мебошад, дохил мешаванд. Кормандони маҳбасҳо ба ҷомеаи мавҷуда мутобиқ буда, як ҷузъи фарҳанги муассиса мебошан, ки ба қафо қадам ниҳоданашон, холисона баҳо додани вазъияти мавҷуда ва вайрон кардани ин низоми рафтор, мушкил аст. Муқарраротва арзишҳои умумии фарҳангӣ, ки дар байни маҳбусон мавҷуд аст, эҳтимоли бо принсипи «институти тоталӣ» инкишоф ёфтанро дорад, аз ҷумла дар маҳбасҳо ва муассисаҳои барои бемориҳои руҳӣ, ки дар онҳо одамон «дар маҷмуъ дар давоми вақти муайян аз ҷомеа ҷудо карда шудаанд» ва «якҷоя фаъолияти ҳайётии пушида ва расман идорашавандаро пеш мебаранд»[5]. Таваҷҷуҳи махсус барои ташкилотҳои мониторингӣ дар он аст, ки «фарҳанги мустаҳкам вуҷуд дошта дар муассисаҳо мустақиман ахлоқро дар дохили муассиса идора мекунад»[6].

## 3. Чӣ тарз фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ташаккул меёбад?

Фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ, чун қоида пай дар пай дар муддати тӯлонии вақт, дар асоси ҷамъи омилҳои мухталифи дохила ва беруна дар муассиса, ташаккул меёбад:

- **Парадигма:** тасаввурот дар бораи он, ки муассиса чӣ кор мекунад ва чаро. Он метавонад бо қонунгузорӣ, сиёсати давлатӣ, инчунин сиёсати мушаххаси маъмурият танзим карда шавад. Дар баробари ин, қоидаҳои нонавишта ва розигии ғайрирасмии роҳбарият барои татбиқи намудҳои муайяни рафтор аз ҷониби кормандон низ аҳамияти муҳим доранд. Чунин розигии ғайрирасмӣ метавонад аз амалҳои зерин иборат бошад: «болоравӣ дар мансаб ё шаклҳои нозуктари розигии иҷтимоӣ: аз даъват ба хӯрокхӯрӣ ё нӯшидан дар ягон ҷо то сарҷумбонии писандомез ва ё чашмаки кардан»[7].

- Идораҳое, ки дар тобеъияти онҳо муассисаи пӯшида мавҷуданд барои муқаррар намудани ин парадигма нақши муҳим мебозад. Таърихан чунин шудааст, ки дар бисёр кишварҳо маҳбасҳо дар тобеъияти Вазорати мудофиа (вазифаи он аз дифои кишвар аз душманони давлат иборат мебошад) ё Вазорати корҳои дохилӣ (вазифааш аз таъмини амнияти дохилӣ иборат мебошад) дохил мебошанд. Ҳолати мазкур барои дарки зиёдтари он, ки дар гузашта вазифаи асосии маҳбасҳо аз зери таъсир гирифтани гурӯҳои опазитсионии сиёсӣ ва тафтишоти ҷиноятӣ иборат буданашон, мусоидат менамояд[8]. Илова бар ин, фарҳанги ҳарбикунонидашудаи идораҳои мазкур дар сохтор, иерархия, барномаҳои тайёрии кормандон, шароити корӣ, ваколатҳо ва ҳувияти шахсии кормандон дар маҳбасҳое, ки тобеъи ин идораҳо мебошанд инъикос ёфтааст. Ҳамин тариқ, чунин ҳисобида мешавад, ки назорати шаҳрвандӣ[9] аз болои Вазорати адлия, ба мақсадҳоии тавонбахшии муассисаҳои шакли пӯшида, аз ҷумла зарурати таъмини риояи ҳуқуқи маҳбусон, бештар мувофиқат мекунад.

- **Одамон:** муносибат ба чизе ва арзишҳое, ки кормандон дар асоси маълумоти касбӣ ва таҷрибаи касбӣ, аз ҷомеаҳои худ меоранд, аз ҷумла он чизе, ки дар ҷараёни кор ва муносибат бо маҳбусон пайдо карда инкишоф медиҳанд.

---

[5]E Goffman, Asylums: Essays on the Social Situation of Mental Patients and Other Inmates, Anchor Books, 1961г., стр. xiii.
[6]J M Shafritz and J S Ott, Classics of Organizational Theory, Brooks/Cole, 3rd ed, 1992г., as quoted in Joan M. Bedore, Prisons as Organizational Cultures: A Literature Review of a Vastly Unexplored Organizational Communication Setting, 1994г.
[7]C Meyers, Institutional Culture and Individual Behavior: Creating an Ethical Environment, 2006 <www.csub.edu/~cmeyers/316assign/organizational.doc> p5.
[8]Международный центр пенитенциарных исследований, Guidance note 7, Moving Prisons to Civilian Control: Demilitarisation, 2004.
[9] Дар стандартҳои байналмилалӣ қайд карда мешавад, ки барои таъминоти «ягонагӣ, инсондустӣ, коршоямии касбӣ ва шахсӣ» дар маҳбасҳо ҳайати кормандон бояд «дорои вазъи хизматчии давлатиро бо кафолати нигоҳдории вазифаи доимӣ» бошанд. (Қоидаи 74 (3) Қоидаҳои стандартии ҳадди аққали муносибат бо маҳбусон, ки таҷдиди назар карда шудааст (Қоидаҳои Нелсон Мандела). Қоидаҳои Нелсон Мандела аз ҷониби Комиссияи СММ оид ба пешгирикунии ҷинояткорӣ ва адолати судии ҷиноӣ 22 майи соли 2015 қабул карда шуда, аз ҷониби Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ 9 сентябри соли 2015 маъқул дониста шудаанд., E/RES/2015/20 ва дар кумитаи сеюми Асамблеяи генералии СММ 5 ноябри соли 2015 қабул шуданд, A/C.3/70/L.3 (дар лаҳзаи нашр Қатъномаи мазкур дар марҳилаи қабул дар ҷараёни ҷаласаи пленарии Асамблеяи генералии СММ қарор дошт).

**Табъизи институтсионалӣ дар Хадамоти пойтахтии полиси Лондон**

Соли 1999 аз ҷониби як тафтишоти мустақил муайян карда шуд, ки Хадамот аз нуқтаи назари институтсионалӣ ҳамчун хадамоти табъизӣ тавсиф карда мешавад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хадамот табъизи набуда, аммо аксарияти афсарон намояндагони нажоди аврупоӣ буданд, ки дар натиҷа фарҳанги «арзишҳо ва ақидаи мардуми сафед» ташаккул ёфт. Афсарони хадамот бо ҳамкорони сиёҳпусти худ танҳо дар ҳолатҳои тақобулӣ муносибат ва ҳамкорӣ мекарданд, ки ин ҳолат барои ташаккули тасаввуроти манфӣ нисбати ин иттиҳод гардид. Ин ҳолатҳо ба «муқарраротӣ паҳншуда, арзишҳо ва ақидаҳо» байни кормандон тавассути «фарҳанги ошхонавӣ»: муошираи нодир ва шитобкорона байни кормандон дар ҷои кор, васеъ реша давонд. Ҳамин тавр, табъиз ба як меъёри рӯзмарра ва ҷузъи фарҳанги касбӣ табдил ёфтааст, ки «таъсири он ба ташаккули афкори кормандони Хадамот дар бораи иттиҳодҳои мушаххас хеле сахт буд».

*Тафтишоти Стивен Лоуренс. Маърӯзаи оид ба тафтишот аз ҷониби Сер Вилям Макферсон, соли 1999 омода шудааст. Боби 6 (Stephen Lawrence Inquiry, Report of an Inquiry by Sir William Macpherson of Cluny, 1999, chapter 6).*

- Муносибатҳои васеътари иҷтимоӣ: Гарчанде ки ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҷаҳони беруна комилан бурида шудаанд, вале дар воқеият, набояд гуфт, ки онҳо дар фазои холӣ вуҷуд доранд. Фарҳанги бартаридошта дар байни онҳо ба таъсири зиёдтари андешаҳои васеъи иҷтимоӣ аз ҷумла, ақидаи ҷомеа ва ақидаҳои ҳукумфармо дар чорҷӯбаи боз ҳам васеъи институтсионалӣ, дучор мешаванд. Масалан, дараҷаи зӯроварӣ дар маҳбасҳо дар бисёре аз кишварҳои Амрикои Лотин метавонад инъикоскунандаи зӯроварии дар ҷомеа вуҷуддошта ва паҳншудае, ки ин маҳбасҳо дар он маҳаллаҳо ҷойгир мебошанд, бошад. Дар баъзе ҳолатҳо, тахмин карда мешавад, ки полис нисбати гумонбаршудагони кирдорҳои ҷиноятӣ то андозае зӯровариро истифода мебарад ва ин барои ҷомеа ва дигар муассисаҳои низоми адолати судии ҷиноятӣ муқаррарӣ ҳисобида мешавад. Барои дарк намудани моҳияти фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ, ба ташкилотҳои мониторингӣ дар ин самт зарур мебошад, ки васеътар берун аз худи муассисаи шакли пӯшида назар намоянд.[10]

Одамон як унсури марказии фарҳанги дар зиндонҳо ташаккулёфта мебошанд. Аммо, фарҳанг пас аз одамоне, ки меоянду мераванд низ боқӣ мемонад. Он бо рамзҳои муайян, ҳикояҳо, анъанаҳо ва забоне, ки ба ташкилот бо таърихи худ пайвандии зич дошта, ишораҳои дақиқро, ки муҳим мебошанд равон мекунад, мустаҳкам мегардад[11].

## 4. Ифро кардани мафҳуми «фарҳанг» дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ

Сатҳҳои мухталифи хислатҳои фарҳанги ташкилотӣ мавҷуданд, ки баъзеи онҳо возеҳанд ва баъзеи онҳо камтар ба назар мерасанд.[12] Ҳамин тариқ, номутобиқатии байни арзишҳое, ки дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ карда мешаванд ва чигуна фарҳанг дар асл дар муассисаи мазкур ташаккул меёбад, эҳсос мегардад. Ташкилотҳои мониторингӣ бояд хусусиятҳои ба фарҳанг дахлдорро дар ҳама сатҳҳои ташкилот бо мақсади пурра дарк кардани фарҳанги мавҷуда дар муассиса, баррасӣ намоянд. Гарчанде ки ин Ташкилотҳо ҳисиётан фарҳанги мавҷударо дарк мекунанд, мумкин аст, ки онҳо бо мушкилоте рӯ ба рӯ шаванд ва дар ин ҳолат онҳо бояд як қадам ба ақиб ниҳода вазъро ба таври объективӣ арзёбӣ кунанд, ки вобаста ба он тавонанд расман хабар диҳанд. Бинобар ин, ҷиҳати дарки ин вазъият вақти зиёд ва ҷалбшавии мунтазам зарур мебошад, яъне ин маънои онро дорад, ки фарҳанги мавҷудаи муассисаро тариқи боздидҳои кӯтоҳу якдафаина арзёби кардан имконнопазир меьошад.

### a. Хусусиятҳои калони фарҳангӣ:[13]

- **«Артефактҳо»** - метавонанд муҳити ҷисмонӣ, тарзи либоспӯшии одамон, аломатҳои дар ташкилот истифодашаванда ва истилоҳот бошанд, масалан фарқи байни мафҳумҳои «қувваҳои полис» ва «хадамоти полис». Ин сифатҳои намоён мебошанд, ки онҳоро осон шинохтан мумкин аст, аммо кушода додани онҳо одатан душвортар мебошад.

---

[10] Масалан, ташкилотҳои мониторингӣ вобаста ба ҳолатҳое, ки занҳо дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ рӯ ба рӯ мешаванд ва таҷассумкунандаи таҷрибаи табъиз дар ҷомеа мебошанд, бояд маълумот дошта бошанд.лишения свободы, часто является отражением более широких предубеждений и дискриминационной практики в обществе.
[11] См. G Johnson, K Scholes and R Whittington, Exploring Corporate Strategy, Pearson Education Limited, 8th ed, 2008с, саҳ. 198-199.
[12] E Schein, Organizational Culture and Leadership, Jossey-Bass, 3rd ed, 2004с, саҳ.25-37.
[13] Ин сатҳи хислатҳои фарҳангӣ аз ҷониби И.Шейном таҳия шудаанд, (E Schein), ibid., саҳ. 25- 37.

- **Арзишҳои эълонкардашуда** он арзишҳое мебошанд, ки дар дастурҳои хизматии муассиса дидан мумкин аст ё ин ки кормандон изҳор мекунанд. Муқарраротҳои мазкурро дар ҳуҷҷатҳое зерин муайян кардан мумкин аст: дар сиёсати мақомот дар соҳаи ҳуқуқи инсон; матни қасам барои даъватшудагон; кодекси рафтор ва масъулияти кормандон; маводҳои омӯзишӣ; дастурамалҳои кормандони полис, аз қабили муқарраротҳои таблиғотӣ; қарордодҳои бо ширкатҳои хусуси ҷиҳати хизматрасониҳо дар ҳудуди ҷойҳое, ки шахсонро дар ҳабс нигоҳ медоранд ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки барои фаъолияти муассисаҳо қабул карда мешаванд.

### Хислатҳои фарҳангӣ дар маркази табобатӣ аз нашъамандӣ дар Бразилия

Зимни сафари худ ба Бразилия дар соли 2011, Зеркумитаи СММ оид ба пешгирии шиканҷа (ЗПШ) маълум кард, ки Маркази табобатӣ аз нашъамандӣ ба номи Роберто Медеос дар Рио-де-Жанейро аз чораҳои табобатӣ дида зиёдтар чораҳои муҷозотӣ истифода мебурданд. Зеркумита диққати худро ба мавҷудияти хусусиятҳои моддии фарҳангӣ ба монанди инфрасохтор ва усулҳои табобати беморон ҷалб кард, ки ба маҳбас шабоҳат дошт на ба маркази табобатӣ. Зеркумита инчунин омилҳои камтар намоёнро дарёфт кард: «беморон бояд ҳангоми ҳаракат дар марказ ва дар тамос бо кормандони он маҷбур буданд, ки дастҳояшонро ба пушт карда ҳаракат намоянд».

*Ҳисоботи Зеркумитаи СММ оид ба пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф дар бораи ташриф ба Бразилия соли 2012 (CAT/ OP/ BRA/1).*

## b. Хусусиятҳои начандон калони фарҳангӣ

- **Тахминҳои асосӣ** – онҳо ба қоидаҳои навиштношуда дар муассисаҳо вобаста ба он, ки «чаро ин тавр карда мешавад, на ба таври дигар» шакли муайян медиҳанд. Онҳоро дар сатҳи шуур наметавонанд ифода ёбанд ва барои ҳамин ҳам ба нозирони беруна мушоҳида карданашон мушкил мебошад.

# Омилҳои хавфи фарҳангӣ дар масъалаҳои истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ

## 1. Ҳуқуқи инсон ва пешгирии шиканҷа дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ

Ҳуқуқҳои инсон шаъну шарафи ҳар як шахсро эътироф намуда, барои ҳамаи одамон ҷудонопазир мебошад. Онҳо дар созишномаҳои байналмилалӣ, инчунин дар воситаҳои минтақавӣ ва қонунгузории миллӣ муқаррар карда шудаанд. Принсипи муҳими ҳуқуқи байналмилалӣ аз он иборат аст, ки маҳбусон тамоми ҳуқуқҳои инсонии худро (шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ) нигоҳ медоранд, ба истиснои он ҳуқуқҳое, ки асосҳои дар маҳбас буданашон маҳдуд мешавад (яъне ҳуқуқ ба озодӣ). Давлат вазифадор аст, ки ҳуқуқҳои маҳбусонро таъмин, эҳтиром ва ҳифз намояд, инчунин ҳифзи маҳбусонро аз муносибати бераҳмона таъмин намояд.

Ҳуқуқҳои шахс, ки риояи онҳо дар шароити ҳабс будан махсусан муҳим мебошанд, инҳоянд:

- Ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба муносибати инсондӯстона ва эҳтироми шаъну эътибор, ки ба ҳар як шахс аз лаҳзаи таваллуд таълуқ дорад[14].
- Ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф[15].

Муносибати бераҳмона метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад ва метавонад дар натиҷаи беэҳтиётӣ ё беамалӣ дар мақомот ё қасди зуроварӣ ба вуҷуд ояд[16]. Ҳамин тариқ, пешгирии муносибати  бераҳмона рафтори маҷмӯиро бо назардошти шумораи  умумии умри маҳбусон тақозо мекунад, ки бояд ба коҳиши хатарҳо тавассути фароҳам овардани муҳите, ки тамоми ҳуқуқҳои онҳо риоя мешаванд, равона карда шавад. Ҳуқуқҳои дигаре, ки таъмини онҳо дар шароити дар ҳабс қарор доштан муҳиманд аз инҳо иборат мебошад:  ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ, ғизо, об ва таҳсил, ҳуқуқ ба мурофиаи судии муносиб, ҳуқуқи мулоқот ба оила, ҳуқуқҳои кӯдак ва ҳуқуқ ба озодӣ аз табъиз.

Воситаҳои муфассалтар стандартҳои мушаххасро дар бар мегиранд, аз ҷумла муносибат бо маҳбусон, чораҳои муҳофизатӣ, шароити моддии нигоҳдорӣ, реҷанокӣ ва намуди фаъолият, хизматрасониҳои тиббӣ, ба кор қабул кардан ва таълим додани кормандон барои кор дар муассисаҳои шакли пӯшида[17]. Илова бар ин, як қатор принсипҳои муҳими дутарафае мавҷуданд, ки аз муқаррароти санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон сарчашма гирифта, метавонанд ҷиҳати иттилоотонӣ дар бораи тарзҳои муносибати ҳуқуқҳифзкунанда мусоидат намуда, ҳангоми баамалбарории сиёсат ба фаъолият дар ин муассисаҳо ба роҳбарӣ гирифта шаванд.

---

[14] Моддаи 10 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ; Принсипи 1 Маҷмӯъи принсипҳо оид ба  ҳимояи ҳамаи шахсоне, ки, ба дастгиркунӣ ва ҳабс намудан дар кадом шакле ки набошад гирифтор шудаанд; Қоидаи 1 Қоидаҳои стандартии ҳадди аққали муносибат бо маҳбусон, ки таҷдиди назар карда шудааст (Қоидаҳои Нелсон Мандела).

[15] Моддаи 7 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ; Конвенсияи СММ оид ба шиканҷа, Принсипи 6 Маҷмӯъи принсипҳо оид ба  ҳимояи ҳамаи шахсоне, ки, ба дастгиркунӣ ва ҳабс намудан дар кадом шакле ки набошад гирифтор шудаанд; Қоидаи 1 Қоидаҳои стандартии ҳадди аққали муносибат бо маҳбусон, ки таҷдиди назар карда шудааст (Қоидаҳои Нелсон Мандела).

[16] APT/IIDH, The OPCAT: Implementation Manual, 2010, саҳ.15.

[17] Ниг. APT, Мониторинги ҷойҳои дар ҳабс нигоҳдорӣ: Роҳнамои таҷрибавӣ, 2004 с., Боби 4. Инчунин ниг. Моддаҳои 7 ва 10  Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ; Маҷмӯъи принсипҳо оид ба  ҳимояи ҳамаи шахсоне, ки, ба дастгиркунӣ ва ҳабс намудан дар кадом шакле ки набошад гирифтор шудаанд; Принсипҳои асосии муносибат бо маҳбусон; Қоидаҳои СММ оид ба ҳимояи ноболиѓони аз озодӣ маҳрумшуда; Қоидаҳои СММ  оид ба муносибат бо занҳои маҳкумшуда ва чораҳои ба маҳрум сохтан аз озодӣ вобастагӣ надошта барои занони ҳуқуқвайронкунанда (Қоидаҳои Банког).

Принсипҳои мазкур аз инҳо иборат мебошанд: волоияти қонун, баробарӣ ва роҳ надодан ба табъиз, ҳисоботдиҳанда будан, имкониятҳои васеъкардашуда ва алоқамандӣ.

Дар сатҳи хеле асосӣ, шомил кардани масъалаҳои риояи ҳуқуқи инсон дар шароити дар ҳабс нигоҳ доштан, маънои онро дорад, ки одамон бояд дар маркази сиёсат ва амалҳои қабулшаванд бошанд. Дар амал ин маънои андешидани чораҳои таъминкунандаи муҳофизат аз муносибати бераҳмона ва дастгирии инкишофи муҳити муносиби бо эҳтироми тарафайни байни корманд ва маҳбус асосёфтаро дорад. Ин бо фаҳмише асос ёфтааст, ки одамони аз озодӣ маҳрум шуда, чи гумонбар ва ё маҳкумшуда инчунин, муҳоҷир, шахсони дорои нуқсони рӯҳӣ ё мубталои нашъамандӣ ва ё ягон шахси дигар бошанд – онҳо пеш аз ҳама одамон мебошанд. Онҳо аллакай аз озодӣ маҳрум карда шудаанд, яъне онҳо аллакай ба субъектони яке аз шаклҳои сахттарини ҷазо - маҳдуд кардани озодӣ, ки ба шахс метавон татбиқ кард, табдил ёфтаанд. Ва ҳамчун одамон, онҳо сазовори муносибати инсондӯстона ва эҳтироми шаъну шарафи инсонии худ мебошанд.

## 2. Кадом ҷанбаҳои фарҳанг хатари ба вуҷуд овардани омилҳои истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ дар худ таҷассум мекунанд?

Фарҳанг дар муҳити пӯшида набояд манфӣ бошад. Аммо, дар доираи чунин муҳити фарҳангӣ метавонад муқарраротҳо ва арзишҳои муайяне пайдо шаванд, ки хилофи принсипҳои ҳуқуқи инсон бошанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки агар ин муқарраротҳо ва арзишҳо ҳамчун меъёрҳои умумиэътирофшуда қабул карда шаванд, ин метавонад ба рушди чунин рафтори ташкилотӣ, ки шаъну шараф ва ҳуқуқҳои маҳбусонро халалдор мекунад, оварда расонад. Дар робита ба ин, онҳо дар худ омилҳои хавф барои истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмонаро таҷассум менамоянд. Дар қисмати мазкур намунаҳои умумӣ ва бо ҳам алоқаманди маҷмуъи муқарраротҳои рафтори фарҳангӣ, ки аксар вақт дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ мушоҳида мешаванд, мисол оварда шудааст (рӯйхат беинтиҳо мебошад).

Ба ташкилотҳои мониторингӣ муҳим аст, ки ба мавҷудият ва таҳаввули чунин омилҳои хавфҳои фарҳангӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд. Дар баробари ин ҳаминро бояд қайд кард, ки баъзеи онҳо дорои унсурҳои манфиати шахсӣ ё и ки масъалаҳои вобаста ба иқтидори масъулияти фаръӣ аз ҷумла, дар мавриди амалҳои фасодӣ, маҷбурсозӣ ё мавҷудияти иерархияи ғайрирасмӣ дар байни маҳбусон, мебошанд. Аз ин рӯ, ин ҳолат метавонад боиси хатари муҷозот нисбат ба маҳбусон, кормандон ё аъзои ташкилотҳои мониторингӣ гардад. Дар робита ба ин, ташкилотҳои мониторингӣ бояд мутобиқи принсипи «зарар нарасондан» амал кунанд[18].

### a. Маҳбусон ҳеҷ гуна ҳуқуқ надоранд

Чунин муносибат метавонад бо роҳҳои гуногун зоҳир шавад. Умуман, шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ҳамчун шахсони дараҷаи дуюм ва ё ҳуқуқҳои худро дар натиҷаи содир кардани қонуншиканӣ, ҳамчун амали ҷиноӣ ё воридшавии ғайриқонунӣ ба ягон кишвар гум кардаанд, эътироф мешаванд. Ба таври васеъ паҳн шудааст, ки нисбати «ҷинояткорон» бояд муносибати бераҳмона ҳамчун қисми ҷазо зоҳир карда шавад. Аммо, дар ин ҷо далели он, ки худи маҳрум сохтан аз озодӣ ҷазо мебошад ва таъсири чандинкаратаро барои маҳбусон дорад, инкор карда мешавад. Дар доираи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ саркашӣ аз ин қоидаҳоро метавон бо далели кори шарафмандонаи[19] кормандони мақомоти корҳои дохилӣ исбот кард (ба монанди мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ё терроризм) ва гумонбаршудагон дар ин ҳолат хамчун шахсони бад муаррифи карда мешаванд.

### b. Гум кардани айният

Азбаски кор дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ба реҷа табдил меёбад, маҳбусон метавонанд мақоми худро ҳамчун як шахс дар назди кормандон аз даст дода, ҳарчи бештар ба як «ашёи беҷони» сершумор мубаддал мегарданд[20]. Чунин муносибат дар фаҳмиши он ки ҳама маҳбусон ҳамчун як туда ё вокуниши автоматикӣ, ки ҳуқуқҳои маҳбусонро поймол намуда, хавфҳо ва эҳтиёҷоти инфиродии ҳар як маҳбусро арзёбӣ намекунад, метавонад таҷассум ёбад. Масалан, дар ҳолатҳое, ки

[18] Принсипи «зарар нарасондан» маънои онро дорад, ки аъзоёни ташкилотҳои мониторингӣ ҳеҷ гоҳ набояд вобаста ба бехатарии одамононе, ки ба онҳо маълумотро пешниҳод менамоянд фаромуш накунанд. Ҳади ақал амал ё беамалии аъзоёни ташкилотҳои мониторингӣ набояд бехатарии маҳбусон, хешу табарони онҳо, кормандони муассисаҳо, худи аъзоёни ташкилотҳои мониторингӣ, инчунин дигар шахсоне, ки бо онҳо дар ҷараёни амалӣ намудани фаъолияташон дар ҳамкорӣ қарор доштанд, зери хатар гузоранд. Ниг. APT, Detention Monitoring Briefing no. 4: Mitigating the risks of sanctions related to detention monitoring, 2012; and OHCHR, Professional Training Series No. 7, Training Manual on Human Rights Monitoring, 2001, саҳ. 88.
[19] B D Fitch, 'Understanding the Psychology of Police Misconduct', The Police Chief, Vol. 78, 2011, pp24-27.
[20] E Goffman, 'On the characteristics of Total Institutions: Staff-Inmate Relations', in The Prison, Studies in Institutional and Organisational Change, D Cressey (ed), International Thomson Publishing, 1961, p68.

авлавияти асосӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ риояи тартибот аст, кормандон метавонанд мунтазам бар зидди маҳбусон чораҳои ҷисмониро дар робита бо рафтори ночизе андешанд ё воситаҳои механикии маҳдудкунӣ барои ҷазои рафтори эҳтимолиро истифода баранд ё ин ки бо салоҳдиди худ «ҳамин тавр» шуморанд, ба ҷои он ки истифодаи чунин чораҳо бояд танҳо дар ҳолати зарурати ниҳоӣ ҷой дошта бошад[21]. Маводҳои химиявӣ, сарфи назар аз дигар усулҳои мувофиқ ва дастрас низ метавонад васеъ истифода бурда шавад (доруворӣ, аз ҷумла истифодаи доруҳои зидди психотропӣ барои назорат кардани рафтор). Чунин ҳолат хатари калони истифодаи муносибати бераҳмонаро ба вуҷуд меорад.

## c. Табъиз

Табъиз як зуҳуроти паҳнгашта ва бисёрзинагӣ дар муассисаҳои пӯшида мебошад ва метавонад аз рӯи хусусиятҳои таълуқияти қавмӣ ё миллӣ, динӣ, тамоюли ҷинсӣ ва айнияти гендерӣ зоҳир шавад. Дар байни аҳолии умумии ҳамаи маҳбасҳо намояндагони гурӯҳҳои осебпазир ё маргиналӣ ва баъзан маҳбусоне, ки тобеъияташон баракси мавқеъи демографии кормандони муассиса мебошад, бартарӣ доранд. Қолабҳо ва ҳисси бартариятӣ ё нафрат ба намояндагони ақаллиятҳои миллӣ, ки дар маҷмӯъ дар ҷомеа бартарӣ доранд, дар байни кормандон ва дигар маҳбусон метавонанд мавҷуд бошанд. Муносибати шабеҳ низ метавонад такмил ёбад, агар кормандон бо аъзои гурӯҳҳои ақаллият танҳо дар ҳолатҳои муқобилиятӣ робита кунанд.

Муносибатҳои табъизомез одамонеро, ки ба гурӯҳҳои маргиналӣ мансубанд, ба зӯроварии ҷисмонӣ ва таҳқири шифоҳӣ бештар осебпазир мекунад. Ғайр аз он, табъиз боиси рад шудани дигар ҳуқуқҳо мегардад. Масалан, дар Покистон гузоришҳо нишон медиҳанд, ки аъзоёни ақаллиятҳои мазҳабӣ дар маҳбасҳо эҳтимоли бештари аз ҷониби маҳбусон мавриди зӯроварӣ қарор гирифтанро дошта, дар шароити бадтар нигоҳ дошта мешаванд[22].

Табъиз инчунин метавонад дар натиҷаи рафтори беандеша ва он далеле, ки низоми мавҷуда ба ниёзҳои гурӯҳҳои мушаххас ҷавобгӯ намебошад, изҳор гардад,. Ин боиси он мегардад, ки онҳо аз истифода ҳуқуқҳои худ дар баробари дигар маҳбусон маҳрум карда шудаанд. Дар гузориш вобаста ба табъиз, Гурӯҳи кории СММ бар зидди дастгиркунии худсарона изҳори нигаронӣ кардааст, ки дар баъзе кишварҳо, маъюбон, нашъамандон ва одамони мубталои ВНМО дар ҷойҳое, ки барои вазъи саломатии онҳо номувофиқ аст нигоҳ дошта, баъзан ҳатто бе табобат гузошта мешаванд[23].

**Табъиз нисбати ақалиятҳои ҷинсӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ**

Мувофиқи маълумоти гузоришгари Вежаи СММ оид ба шиканҷа, «дар ҷойҳои дар ҳабс нигоҳдорӣ одатан иерархияи қатъӣ мавҷудаст ва онҳое, ки дар поёни ин иерарҳия ҷойгиранд аз ҷумла, гейҳо, лесбиянкаҳаи, бисексуалҳо ва трансексуалҳо дукарата ва секарата ба табъиз гирифтор мешавад.

*Камиссари олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон, қонуну амалияи табъизӣ ва амалҳои зӯроварӣ нисбати шахсон бинобар сабаби таълуқияти ҷинсии онҳо ва айнияти гендерӣ, 2011 (A/HRC/19/41).*

Занҳои аз озодӣ маҳрумшуда ба намудҳои зиёди табъиз рӯ ба рӯ мешаванд. Занҳое, ки дар ҳабс нигоҳ дошта мешаванд ба зӯроварии ҷинсӣ ҳам аз ҷониби кормандони муассиса ва ҳам аз ҷониби дигар маҳбусон осебпазир мебошанд. Низоми муассисаҳои шакли пӯшида, ки дар аввал барои нигоҳ доштани мардҳо ва дар онҳо мардҳо роҳбарӣ мекунанд таъсис дода шудаанд, ки аксаран эҳтиёҷоти равонӣ, иҷтимоӣ ва тиббии занҳоро ба назар намегиранд[24]. Дар баробари ин, дар ҳабс қарор доштан аксар вақт ба занҳо назар ба мардҳо таъсир мерасонад. Чунки шумораи калонияҳои занона каманд, аксаран занҳо дур аз оилаҳои худ мебошанд ва бо эҳтимолияти зиёд занҳо дар натиҷаи ҷудоии иҷтимоӣ азоб мекашанд инчунин, занҳо ба бадбинӣ (стигма) дар бисёр шаклҳои дар ҳабс нигоҳ доштан дучор мешаванд.

---

[21] Кумитаи аврупои оид ба пешгирикунии шиканҷа, Стандартҳои КЗШ (CPT/Inf/E (2002) 1–Rev. 2011) саҳ. 60
[22] Департаменти давлатии ИМА, Гузоришҳо оид ба давлатҳо дар бораи риояи ҳуқуқҳои инсон барои соли 2011, Покистон, 2011.
[23] Гузориши Гурӯҳи кории СММ бар зидди дастгиркунии худсаронаи Комиссияи оид ба ҳуқуқҳои инсон, декабр 2003 с. (E/CN.4/2004/3).
[24] УНПООН ва ЮНЭЙДС, Занҳо ва ВИЧ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ, 2008с. Ниг. Инчунин PRI, Занҳо дар низоми адолати судии ҷиноӣ ва бартариятҳои иловагӣ, Қоидаҳои Бангкок, 2015с.

### d. Бехатарӣ дар ҷои аввал

Дар маҳбасҳо, муваффақияти муассиса аксар вақт бо набудани рӯйдодҳои фавқулодда чен карда мешавад. Ҳамин тариқ, масъалаҳои вобаста ба бехатарӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд, новобаста аз он ки бар зарари ҳуқуқҳои маҳбусон мебошад. Масалан, дар Фаронса полис ба таври мунтазам ҳамаи шахсоне, ки дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ нигоҳ дошта мешаванд бо мақсади бехатарӣ маҷбур мекунанд, ки айнакҳо ва либосҳояшонро бадар кунанд. Механизми пешгирикунандаи миллии Фаронса муайян намуд, ки ин амал тавозуни байни чораҳои зарурии бехатарӣ ва эҳтироми шаъну шарафи шахсони дар ҳабс нигоҳ дошта шударо бо назардошти шумораи ками ҳодисаҳои номутаносиб, ки мумкин аст пешгирӣ карда мешавад, вайрон мекунад[25].

### e. Фарҳанги зуроварӣ

Фарҳанги зуроварӣ дар ҳолате инкишоф меёбад, ки агар он дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ба як меъёри муқаррарӣ табдил гардад. Чунин фарҳанг метавонад дар ҳолатҳое вуҷуд дошта бошад, ки истифодаи усулҳои маҷбурӣ асоснок ё қобили қабул ҳисобида шуда, аз ҷониби кормандон мунтазам истифода бурда шаванд, масалан, барои нигоҳ доштани тартибот ва ба даст овардани иқрор. Фарҳангӣ зӯроварӣ дар ҳолате рух медиҳад, ки агар маъмурият зӯровариро дар байни маҳбусон иҷозат диҳад ё ташвиқ намояд ва ё наметавонад зӯровариро дар байни маҳбусон пешгирӣ намояд, ки он аксар вақт аз мавҷудияти иерархияи ғайрирасмӣ дар байни маҳбусон вобаста аст. Фарҳангӣ зӯроварӣ метавонад ҳам ба кормандон ва ҳам ба маҳбусон таъсири манфӣ расонад.

### f. Истифода аз мавқеи мансабӣ ба манфиати шахсӣ

Кормандони маҳбасҳо метавонанд чунин шуморанд, ки истифодаи ваколаташон нисбати маҳбусон ба манфиати шахсӣ, асоснок мебошад. Ин метавонад аз он бар ояд, ки кормандон аз музди меҳнатии худ қаноатманд нестанд ва онҳо инро нодуруст меҳисобанд ва ё он ки роҳбарият дар корашон онҳоро дастгирӣ намекунад. Кормандон инчунин метавонанд фикр кунанд, ки барои мӯътадил нигоҳ доштани фаъолияти зиндагии худ онҳо ба манбаҳои иловагии даромад ниёз доранд. Вақте ки коррупсия дар ҷомеа ва институтҳои он васеъ паҳн шудааст, кормандон метавонанд фикр кунанд, ки «корҳо ба ин тарз иҷро мешаванд» ва чунин шуморанд, ки ба ҷавобгарӣ кашидан ё дастгир кардани онҳо эҳтимолияти хеле кам дорад. Дар баъзе ҳолатҳо, кормандон метавонанд аз ҷониби ҳамкасбон ё роҳбарият фишор оварда шаванд, то онҳо як қисми фасод ва зӯроварӣ шаванд. Чунин намуди муқарраротҳо ба муносибат ба монанди додани имтиёзҳои муайян барои баъзе маҳбусон бар ивази пора (аз ҷумла, сӯиқасд ба сохторҳои иерархияҳои ғайрирасмӣ дар байни маҳбусон) ва ё дар ҳолатҳои шадид истифодаи шиканҷа ё таҳдиди истифодаи он бо мақсади тамаъҷӯӣ аз хешовандони маҳбусон, оварда расонад[27].

> **Фарҳанги зӯроварӣ дар маҳбаси Молдова**
>
> Ҳангоми сафари худ ба Ҷумҳурии Молдова дар соли 2010, Кумитаи аврупоӣ оид ба пешгирии шиканҷа ҳангоми бόздид аз маҳбаси №12 дар шаҳри Бендер қайд мекунад, ки дар он фазои зӯроварӣ ва таҳдид ҳузур дорад. Ин ба мавҷудияти иерархияҳои ғайрирасмӣ дар байни маҳбусон алоқаманд буда, кормандони маҳбас боварӣ доштанд, ки бо ин роҳ онҳо метавонанд тартиботро нигоҳ доранд. Далелҳои зӯроварӣ на танҳо дар байни маҳбусон қайд карда шуданд, аммо кормандон низ дар содир кардани зӯроварӣ дар вақти шабона иштирок мекарданд. Чихеле, ки қайд карда мешуд маҳбусони қурбони зӯроварии дохила шударо маҷбур мекарданд, ки «посбононро пора диҳанд» то ки онҳо бехатар бошанд ва ё онҳоро ба ҳоли худ гузоранд.
>
> *Гузориш ба Ҳукумати Молдова аз натиҷаи сафари Кумитаи Аврупоӣ оид ба пешгирии шиканҷа ва муносибати ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ва ҷазо (CPT) дар ҶМ, 21-27 июли соли 2010.*

---

[25] Contrôleur général des lieux de privation de liberté, Rapport d'activité, 2008, стр.89-90.
[26] Бонки Умумиҷаҳонӣ, Youth for Good Governance, Модули IV: Causes of Corruption <http://info.worldbank.org/etools/docs/library/35971/mod04.pdf> <accessed 30 November 2015>.
[27] "Коррупсия дар Ирок: Your son is being tortured. He will die if you don't pay', The Guardian, 16 January 2012. http://www.theguardian.com/world/2012/jan/16/corruption-iraq-son-tortured-pay <accessed 30 November 2015>.

### g. «Мо ва онҳо»

Одатан, дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ байни кормандон ва шахсони аз озодӣ маҳрум шуда муносибати «мо ва онҳо» ба вуҷуд меояд. Кормандон метавонанд ба ният ва рафтори маҳкумшудагон бо шубҳа муносибат намоянд ва ё рақобат барои таваҷҷӯҳи роҳбарият эҳсос намоянд[28]. АКормандон метавонанд бо рафтори ҳамшабеҳ нисбати роҳбарон ва ҷомеаро пайравӣ кунанд, масалан, фикр мекунанд, ки «ҳеҷ кас дарк намекунад, ки онхо бо чӣ хатар дар ҷои кор рӯ ба рӯ мешаванд»[29]. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки дар фаъолияти ШКД муносибат бо принсипи «мо ва онҳо» бо зоҳир намудани рафтори боз ҳам зӯроварона дар байни кормандони мақомот сахт алоқаманд мебошад[30]. Дар шароити маҳбасҳо чунин муносибатҳо байни кормандон бо сатҳи баланди стреси маҳбусон алоқаманди доштанд[31].

### h. Фарҳанги беҷазоӣ

Фарҳанги беҷазоӣ дар ҷойҳое мавҷуд аст, ки дар онҳо беэътиноӣ нисбат ба поймолкунии ҳуқуқи инсон дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ зиҳир мешаванд ва гунаҳгорон ҷавобгарӣ, сарфи назар аз мурофиаҳои ҷиноӣ, шаҳрвандӣ, маъмурӣ ё интизомӣ[32], кашида мешаванд ва ё ҷазо барои ҳуқуқвайронкунии содирнамуда ночиз аст ва таъсири боздошткунандаро надоранд. Риояи принсипиҳои манфӣ аз ҷониби кормандон ва мафҳуми «ҳамфикрии корпоративӣ» ба рушди чунин фарҳанг мусоидат мекунад. Беҷазо мондан решағӣ мегардад, махсусан вақте ки институтҳои соҳаи волоияти ҳуқуқ барои вайрон кардани қонун аз ҷумла, тавассути тафтишоти холисона ва таъқиби қонунвайронкунандагон ба ҷавобгарӣ кашида наметавонанд,. Гузоришгари вижаи СММ оид ба шиканҷа махсус таъкид кард, ки беҷазоӣ яке аз сабабҳои асосии паҳншавии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона дар бисёр кишварҳо мебошад[33].

**Истифодаи мунтазами шиканҷа ва фарҳанги беҷазоӣ дар Непал**

Соли 2011 Кумитаи зидди шиканҷаи СММ ошкор намуд, ки дар Непал шиканҷа ба таври мунтазам татбиқ карда мешавад ва махсус беҷазоии эндемикиро барои поймол намудани ҳуқуқҳои инсон ҳамчун як асоси мусоидаткунанда қайд намуд. Тибқи маълумоти бадастоварда онҳо, дар кишвар ҳеҷ гуна ҷавобгарии ҷиноятиро барои истифодаи шиканҷа инчунин, таъқиб ё маҳкум кардани шиканҷа ё шаклҳои дигари муносибати бераҳмонаи ба он вобаста, пешбинӣ нагардидааст. Полис аксар вақт аз қайд кардани ҳолатҳои эҳтимолии шиканҷа худдорӣ мекард ва ё бо маслиҳати пешакӣ бо кормандони прокуратура оғози тафтишотро ба таъхир мегузоштанд. Он далеле, ки барои амалҳои мазкур танҳо ҷазоҳои интизомӣ ва ҷаримаҳои хурд истифода мешуданд боис гардид, ки фарҳанги беҷазоӣ ташакул ёбад. Гузашта аз ин, дар баъзе ҳолатҳо, афсарони баландрутбаи Қувваҳои Мусаллаҳи Непал, ки дар истифодаи шиканҷа ва ғайбзании иҷборӣ айбдор карда мешуданд, аз рӯи баъзе маълумотҳо барои иштирок дар миссияҳои сулҳҷуёнаи СММ иҷозат медоданд ва ё вазифаҳояшонро баланд мекарданд, ба пайдо шудани ақидаи «истифодаи зӯроварӣ барои гунаҳгорон ягон оқибат намеорад» мусоидат мекунад.

*Гузориши Кумитаи СММ зидди шиканҷ, соли 2012. (A/67/44), Замимаи XIII.*

[28] A Coyle, Managing Prisons in a Time of Change, Маркази байналмилалии тадқиқоти пенентитсиарӣ, 2002с., саҳ.77.
[29] Тибқи маълумоти коршинос дар соҳаи ислоҳоти маҳбасҳо дар ҷараёни таҳияи ин қисмат.
[30] Terrill et al, 'Police Culture and Coercion', Criminology, Vol. 41, issue 4, 2003, pp1003–1034.
[31] A Liebling, 'Why Prison Staff Culture Matters' in The Culture of Prison Violence, Byrne, Taxman and Hummer (eds), Allyn and Bacon, 2007, p105.
[32] СММ, Маҷмӯъи принсипҳои таҷдидгардидаи ҳифз ва дастгирии ҳуқуқи инсон барои мубориза бо беҷазогӣ (2005) (E/CN.4/2005/102/Add.1).
[33] Гузориши фосилавии Гузоришгари вежаи СММ оид ба шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, 2010 с. (A/65/273).

## 3. Ин омилҳои хавфро дар куҷо муайян кардан мумкин аст?

### a. Фарҳанги бартаридошта ва субкултураҳо

Дар баробари фарҳанги бартаридоштаи муассисаи шакли пӯшида дар маҷмӯъ, дар институтҳои гуногун субкультураҳои дохилии ин муассисаҳо метавонанд вуҷуд дошта бошад (масалан, маҳбасҳои гуногун ё шӯъбаҳои полис метавонанд фарҳанги махсуси худро дошта бошанд). Як афсари собиқи полиси Британияи Кабир ин вазъро чунин тавсиф кардааст: «Ман дар тафтишоти шахси дастгиршудае дар тафқифгоҳи нигоҳдории мувақатӣ иштирок мекардам. Фарҳанг дар ин муассиса аз фарҳанге, ки дар муассисаҳои дигар вуҷуд доранд, хеле зиёд фарқ мекард. Ин Фарҳанг дорои «кормандони воқеан ҳам зур» буда, зӯроварӣ як қисми сохтори идоракунӣ буд ...». Дигар субкультураҳо низ метавонанд дар бахшҳо, шуъбаҳо ва раёсатҳои муассисаҳои пӯшида, инчунин дар сатҳҳои мухталифи кормандон мавҷуд бошанд. Илова бар ин, мавҷудияти субкультураҳо дар байни маҳбусон дар доираи тамоми муассиса, масалан дар маҳбас, метавонад ба фаъолияти рӯзмараи худи маҳбусон ва кормандони ин муассиса таъсири назаррас расонад. Субкультураҳои манфӣ, ки ҳамчун як қисми низоми худидоракунии дохилии маҳбусон инкишоф меёбад ё ин ки иерархияҳои ғайрирасмӣ, омилҳои махсуси хавф барои истифодаи шиканҷа ё муносибати бераҳмона буда метавонанд.

### b. Иерархияи ғайрирасмӣ дар байни маҳбусон

Иерархияҳои ғайрирасмӣ дар байни маҳбусон дар маҳбасҳо хеле маъмул аст ва метавонанд дар худ субкултураҳои пӯрзурро дар ҳамбастагӣ бо омилҳои гуногуни хавфҳои фарҳангӣ таҷассум намояд. Чунин иерархияҳо чун қоида сохтори возеҳ ва қоидаҳои муқарраршуда доранд, ки риояи онҳо бо таҳдид, тарсондан ва зӯроварӣ ба роҳ монда мешавад. Ин мумкин аст, ки бо дастаҳо ё гурӯҳҳои мусаллаҳ, ки берун аз деворҳои муассисаҳои пӯшида фаъолият мекунанд, алоқаманди дорад. Иерархияҳо дар байни маҳбусон ҳамчун маъмурияти алтернативӣ дар муассиса хидмат менамояд, ки ҷамъоварӣ «аъзоҳақӣ» ва низоми амалкунандаи «пора додан барои имтиёзҳо»-ро амалӣ менкунанд ё дар акси ҳол маҳбусон аз ҳуқуқҳо маҳрум мешаванд. Ҳамин тариқ, чунин иерархияҳо метавонанд тамоми паҳлӯҳои ҳаёти маҳбусонро назорат кунанд, аз зангҳои телефонӣ ва ташрифҳои оилавӣ то муносибат бо маъмурияти маҳбас. Чунин иерархия аксар вақт қочоқи ашёи манъшуда, аз ҷумла маводи мухаддирро дар маҳбасҳоро назорат мекунад. наркотики в тюрьмах.

> **Иерархияи ғайрирасмӣ дар байни маҳбусон дар маҳбаси Арманистон**
>
> Низоми «дуздони қонунӣ», ки дар якҷоягӣ бо маъмурияти зиндонҳо амал мекунад, ба як сохтори ташкилот ва ҳизби сиёсӣ бо идеология фашистӣ, шабоҳат дорад. Ҳар як маҳбуси нав, ки ба фазои иерархияи фарҳангӣ қадам мегузарад, бояд узви ин ҳизб шавад. Касе ҷуръат намекунад, ки ба он муқобилат кунад. Ҳаққи аъзогӣ ҳар моҳ 5000-10000 драмаи Арманистонро (10,000 - 20,000 доллари ИМА) ташкил медиҳад. Пул аз ҳар як утоқ алоҳида ситонида мешавад ... Ҳар як маҳбуси нав ба як гӯшаи утоқ бурда мешавад, ки дар он ҷо бо ӯ «дар бораи фаҳмишҳо ва нақши ҳизб» сӯҳбат мекунанд ва огоҳ карда мешаванд, ки ҳангоми беитоатӣ онҳоро ҷазо медиҳанд.
>
> *Ҳайёт дар дохили колонияҳои ислоҳӣ (Life inside penal institutions, DITORD/OBSERVER #8) 2009с., Кумитаи Хелсингии арманистон.*

Гарчанде ки ин расман эътироф намешавад, кормандон метавонанд вобаста бошанд ва ё бо аъзоёни иерархияҳои ғайрирасмии маҳбасҳо ҳамкорӣ намоян то ки тартиботро нигоҳ доранд масалан, дар сурати набудани захираҳо дар муассиса ё набудани таҷриба барои бартараф кардани оппозитсия сиёсӣ ё шикоятҳо ва ё бо мақсади коррупсионӣ ё тамаъҷӯӣ. Инчунин «Назораткунандагон ва дуздони қонунӣ» метавонанл ба маъмурияти маҳбасҳо таъсир дошта бошанд. Чунин иерархияҳо на танҳо ба нигоҳ доштани тартибот дар дохили колония таҳдид мекунанд, балки дараҷаи баланди хатарро доранд, яъне истифодаи баъзе маҳбусон барои тарсондани дигар маҳбусон метавонад ба паҳн шудани фарҳанги нобаробарӣ дар муносибат бо маҳбусон, мусоидат кунад[34]. Иерархияҳо чун қоида, танҳо ба манфиати «назораткунандагон» бар зиёни онҳое, ки дар ин сохтори иерархӣ дар поён ҷойгиранд хизмат мекунанд, ки чун қоида онҳо намояндагони гурӯҳҳои маргиналӣ мебошанд.

[34] Кумитаи аврупои оид ба пешгирии шиканҷа (КАПШ), Гузориш ба Ҳукумати Арманистон дар бораи брзбинӣ маҳбасҳои Арманистон аз 10 то 21 майи соли 2010.

### c. Низомҳои худидоракунанда дар байни маҳбусон

Низомҳои эътирофшудаи худидоракунанда дар байни маҳбусон – ин низоме мебошад, ки бо иҷро намудани нақшҳои муайян марбут ба ҳаёти ҳаррӯза дар муассиса аз ҷониби маҳбусон, асос меёбад. Нақшҳои гуногун метавонанд ба маҳбусон таъин карда шаванд, масалан, тайёр намудани хӯрока. Зеркумитаи СММ оид ба пешгирии шиканҷа қайд мекунад, ки ҳарчанд чунин низомҳо ба сифати зиндагии маҳбусон таъсири мусбӣ расонда метавонанд, аммо агар назорат ва танзими дахлдор таъмин карда нашавад низоми мазкур метавонанд ба истифодаи худсаронаи ҳокимият ва истифодаи зӯроварӣ «ба зарари гурӯҳҳои осебпазири маҳбусон ва ё ҳамчун воситаи маҷбуркунӣ ё тамаъҷӯӣ истифода шаванд», оварда расонад[35].

**Низомҳои худидоракунанда дар байни маҳбусон дар маҳбасҳои Бенин**

Зеркумитаи СММ оид ба пешгирии шиканҷа аз вазъи маҳбусон дар чаҳорчӯби низоми худидорашаванда изҳори нигаронӣ кард, ки мавҷудияти онро ҳангоми боздид аз маҳбасҳои Бенин дар соли 2008 қайд намуд. Дар маҳбаси Котону аз ҷониби Роҳбари муассиса ба маҳбусон иҷрои вазифаҳои муайяне вогузор карда мешуданд, аз қабили таъйин кардани «пешво» (назораткунанда) дар ҳар як бино, ки бояд вақти бозгашт ба утоқҳо, тоза кардани гирду атроф, ҳоҷатхонаҳо ва душҳо инчунин, таъсис додани шӯрои «афторитетҳоро» аз миёни аҳолии маҳбасҳо, ки вазифаи онҳо «танзими вазъият» буд. Тибқи маълумоти мавҷуда, ин маҳбусон тобеи роҳбари муассиса буданд ва либоси фарқкунанда мепӯшиданд. Зеркумита муайян намуд, ки «низоми худидоракунанда нобаробарии бузург ва омолҳои поймолкунии ҳуқуқҳои инсонро ба вуҷуд овардааст. Ин мушкилот қариб тамоми соҳаҳои ҳаёти зиндонро фаро гирифтааст: барои кӣ ҷойи хоб, хӯрок ва об пешбинӣ шудааст; кӣ метавонанд ба маҳдудиятҳои иловагии озодӣ ё ҷазо гирифтор шавад; кӣ барои кадом шахс кор мекард ва кӣ манфиати начандон калонро аз ҳисоби дигарон мегирифт».

*Гузориши Зеркумита оид ба пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф дар бораи бозбинӣ аз Бенин, 2011с. (CAT/OP/BEN/1)*

## 4. Бадтаргардии фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ

Бад шудани фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ метавонад дар ҷавоб ба тағйироти муҳити дохилӣ ва берунӣ дар муассисаи шакли пӯшида сурат гирифта, дар бораи пайдоиши омилҳои иловагии хавф барои шиканҷа ва муносибати бераҳмона ишора намояд. Масалан, дар соли 2010 Гузоришгари вижаи СММ оид ба шиканҷа диққати худро ба он ҷалб кард, ки шумораи зиёди муҳоҷирон, ки ба қаламрави Юнон ғайриқонунӣ ворид шуда, ба «ҳолати бӯҳронӣ»[36] дар нуқтаҳои гузаргоҳҳои марзии кишвар ва марказҳои муҳоҷират оварда расонидааст. Сарҳадчиён аз ҳад зиёд кор мекарданд ва аз он изҳори норозигӣ баён карданд, ки онҳо бо «шумораи зиёди боздошти муҳоҷирони ғайриқонунӣ ва норасоии ҷиддии захираҳо» рӯ ба рӯ шуданд. Тибқи гузоришҳо, онҳо бо дастгиршудагон дағалона ва бераҳмона муносибат мекарданд ва аз ин ҳолат гузоришҳои зиёде вобаста ба бадрафторӣ ҳангоми дастгиркунӣ ва дар ҳабс нигоҳ доштан ворид мешуданд.

[35] Ҷорумин гузориши ҳарсолаи зеркумита оид ба пешгирии шиканҷа, 3 феврали 2011 с. (CAT/C/46/2), саҳ.15-16.
[36] Гузориши Гузоришгари вежа оид ба шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф дар бораи миссияи вай дар Гретсия (10-20 октябри 2010с.) (A/HRC/16/52/Add.4).

# Тағйир ёфтани фарҳанги ҳуқуқи инсон дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ

## 1. Тағйир ёфтани фарҳанги ҳуқуқи инсон чӣ маъно дорад?

Тағиротро дар фарҳанги риояи ҳуқуқи инсон метавон чунин маънидод кард: ҷараёни гузарондани ташкилот ба сӯи фарогирии васеъ ва эҳтироми ҳаматарафаи шаъну эътибор, арзиш ва ҳуқуқҳои тамоми одамон. Ин раванд дар худ тағир додани арзишҳо ва муносибати муштаракро дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ дар бар мегирад, ки дар онҳо эҳтироми шаъну шарафи инсон ва принсипҳои волояти қонун, баробарӣ, ҳисоботдиҳӣ, тавонмандӣ ва шарикӣ мусоидат мекунанд, ҷонибдори мегарданд.

Фарҳанг ҳамчун яке аз хусусиятҳои ташкилот эътироф карда мешавад, яъне унсури аз ҳама мушкилтарин тағйирёбанда[37]. Ҳамин тавр, барои тағйир додани фарҳанг аз ҷумла эҳтироми ҳуқуқи инсон вақт лозим аст. Дигаргун кардани ақидаҳои амиқ дар бораи он, ки ин ҷаҳон чӣ гуна аст ва чӣ гуна амал бояд кард, осон нест. Дар байни кормандони муассисаҳои пӯшида аксар вақт шубҳа вобаста ба ҳуқуқи инсон пайдо мегардад, ки ин маънои ба маҳбусон додани имтиёзҳои муайян бар зиёни ниёзҳои кормандонро дорад. Воқеан, табдили фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ дар асоси ҳуқуқи инсон ташакул ёфта шуда, барои кормандон ва маҳбусон имконияти ба даст овардани имтиёзҳои назаррасро медиҳад.

## 2. Афзалияти тағйир ёфтани фарҳанги ҳуқуқи инсон

Тағйир додани фарҳанги эҳтиром ба ҳуқуқи инсон ба беҳтар шудани сифати зиндагии маҳбусон ва шароити кории кормандон мусоидат мекунад. Бо ишора ба таҷрибаи корӣ дар мушкилтарин маҳбасҳои ҷаҳон, Маркази байналмилалии тадқиқоти маҳбасҳо қайд кард, ки «далели прагматикии истифодаи усули [бо ҳуқуқи инсон асосёфта] дар идоракунии маҳбас вуҷуд дорад ва он кор мекунад. Чунин муносибат нисбати масъалаҳои идораи зиндонҳо либералӣ ё сабукӣ надорад ... чунин тарзи идоракунӣ усули аз ҳама самаранок ва бехатари идоракунии муассисаҳои шакли пӯшида мебошад»[38]. Канорагирӣ аз фазои зӯроварӣ ва душманӣ метавонад амнияти кормандонро таъмин кунад ва шароити кории онҳоро беҳтар намояд. Бартариҳои ин тарзи муносибат дар таҷрибаи Беморхонаи давлатии равонӣ дар Шотландия дида мешавад, беморхонаи равонӣ реҷаи қатъӣ, ки дар он беморон бо ихтиёри худ қабул карда мешаванд ва ё бемороне, ки маҷбуран ба бемористон интиқол дода мешаванд. Охирин онҳо дар асоси қонунгузории ҷиноятӣ ё қонунҳо дар бораи саломатии равонӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Дар посух ба танқид дар бораи табобати беморон, маъмурияти беморхона тасмим гирифт, ки тарзҳои муносибати дар асоси ҳуқуқи инсон бо истифода аз усули иштирок бо ҷалби тамоми кормандони тиббӣ, васиёни беморон ва худи беморон таҳия ва татбиқ намояд. Раванди ислоҳот аз соли 2002 то 2004 сурат гирифт, ки ҷузъҳои он санҷиши амалияҳо ва сиёсат дар соҳаи ҳуқуқи инсон, таҳияи оиннома оид ба ҳуқуқи инсон, таҳияи дастурамалҳо оид ба истифодаи таҷрибаи пешқадам ва гузаронидани курсҳои омӯзиши оид ба ҳуқуқи инсон буданд. Бартариҳое, ки дар натиҷаи арзёбии мустақил муайян шуда буданд, дар поён оварда мешаванд (ба чорчӯба нигаред).

---

[37] E Schein, op.cit.

[38] A Coyle, A human rights approach to prison management, International Centre for Prison Studies, 2009, p9.

**Афзалияти тағйир ёфтани фарҳанги ҳуқуқи инсон дар беморхонаи касалиҳои руҳии реҷаи қатъии дар Шотландия**

- Баромадан аз фарҳанги ҷудокунанда аз руи омили «мо ва онҳо» ба фазои мусбӣ ва созандаи эҳтироми мутақобила байни кормандон ва беморон;
- Баланд бардоштани сатҳи қаноатмандӣ аз кор дар байни кормандон;
- Баланд бардоштани сатҳи қаноатмандӣ дар байни беморон аз табобат ва нигоҳубин;
- Кормандон гузориш доданд, ки сатҳи стресс ва изтироб коҳиш ёфтааст;
- Кормандон қайд карданд, ки онҳо аз мушкилот вобаста ба ҳуқуқҳои инсон камтар таҳаҷуб мекунанд ва чӣ гуна бояд интихоб намуд, инчунин маънои аслӣ ва афзалиятҳои ҳуқуқҳои инсонии худро хубтар фаҳмидани.

*Комиссия оид ба ҳуқуқи инсони Шотландия: Human Rights in a Health Care Setting: Making it Work. An Evaluation of a human rights-based approach at The State Hospital, 2009с.*

Дар самти пешгирии шиканҷа ва дигар шаклҳои муносибати бераҳмона кӯшишҳо оид ба тағйири фарҳанги ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида гузаронида мешаванд, зеро онҳо барои фароҳам овардани муҳите, ки дар он ҷо муносибати бадкирдорӣ ҷой дошта наметавонад, мусоидат менамоянд.
Роҳҳои гуногуни тағйири фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ мавҷуданд: тадриҷан, тасодуфан ё тавассути амалҳои мушаххас ва мақсаднок. Барои ноил шудан ба тағйири фарҳанги ҳуқуқи инсон ҳеҷ як «ретсепти ҷодуӣ» вуҷуд надорад. Амалисозии равандҳо ва бархӯрдҳои муайян аз заминаи иҷтимоию сиёсӣ ва ҳам дастрасии иродаи сиёсӣ барои тағирот вобаста хоҳад буд.
Чунин ислоҳотҳо метавонанд маънои аввалиндараҷа дар мавзӯъи рӯз дар кишварҳои дорои иқтисодиёти гузаранда бад аз сар гузаронидани низоъ ва ё ҳукмронии авторитарӣ дошта бошад. Принсипҳои ҳуқуқи инсон дар давлатҳои демократӣ назар ба давлатҳои ғайридемократӣ. метавонанд зудтар қабул карда шаванд. Бо вуҷуди ин, дар асоси тадқиқот[39] ва таҷрибаи худ, мо метавонем баъзе омилҳои калидиро муайян созем, ки метавонанд ба дигаргуниҳои фарҳангӣ мусоидат кунанд. Онҳо ташаббусҳои хуб андешидашуда оид ба тағйири фарҳанги ташкилӣ ва инчунин дигар омилҳоеро, ки дар тӯли дарозмуддат ба тағирот мусоидат мекунанд, дар бар мегиранд. Ташкилотҳои мониторингӣ метавонанд дар ҳарду раванд нақши муҳим дошта бошанд.

## 3. Ташаббусҳо барои тағйир додани фарҳанги ташкилӣ

Пас аз қабул намудани қарор оид ба тағйир додани фарҳанги ташкилӣ, мумкин аст, ки барои ноил шудан ба ин ҳадаф ислоҳоти назаррас лозим меояд. Тағйир додани фарҳанги ҳуқуқи инсон метавонад ҳамчун яке аз ҳадафҳое баромад намояд, ки дар самти ташаббуси тағйири васъеи ислоҳоти институтсионалӣ зарур мебошанд. Дар зер тавсифи баъзе паҳлӯҳо оварда шудааст, ки метавонанд ба самаранокии равандҳои тағйири фарҳанг мусоидат кунанд. Бисёре аз ин чораҳо метавонанд алоҳида қабул карда шаванд, ки ба талошҳо ҷиҳати тағйир додани фарҳанг мусоидат менамоянд.

### a. Раванди иштирок

Таҷриба нишон медиҳад, ки ташаббусҳо оид ба тағирёбии фарҳангӣ ҳангоми иштироки васеъи ҷонибҳои манфиатдор самарабахштар мешаванд, яъне кормандон, ашхоси аз озодӣ маҳрумшуда ва дар сурати зарурат аъзои ҷомеа. Хавфе вуҷуд дорад, ки агар дастгиршудагон ё кормандон, аз ҷумла ассотсиатсияҳои кормандон фикр кунанд, ки ислоҳот танҳо косметикӣ мебошанд ё танҳо барои беҳбуд бахшидани вазъ барои дигарон хидмат мекунанд, ин метавонад ба ин раванд муқобилият нишон дода, сади роҳи ноил шудан ба дигаргуниҳоро пешгирӣ кунад. Ҷалби ҳарду гурӯҳ ба ошкор ва ҳалли мушкилоти марбута мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, дар баробари таъмин намудани заминаи иттилоотии раванд, муносибати бо иштирок асосёфта метавонад барои ҷалби тарафҳои манфиатдор кӯмак кунад.

### b. Амалӣ намудани роҳбарии масъулиятнок

Барои тағйири фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озоди, роҳбарияти он бояд фаъолона дар ин раванд иштирок кунад. Ин маънои дақиқ дарк кардани таърихи муассиса (ташкилот), айни замон дар кадом марҳила қарор дорад, дар баробари ин дарк намудани

[39] Ниг. мисолҳо: T G Cummings & C G Worley, Organization Development and Change, South-Western College Publishing, Нашрияи 9, 2009с., саҳ. 526-528.

зарурияти амалисозии тағйирот ва муқаррар намудани самти нави рушдро дорад[40]. Роҳбарон бояд дар изҳори тарафдории худ вобаста ба раванди тағйироти мазкур, намуна бошанд. Умуман, роҳбароне, ки намунаанд ва онҳоро эҳтиром мекунанд[41], харизма ва эътимоди намоён дошта, ба тобеъони хуб боварӣ мебахшанд[42], имконияти бештар доранд, ки дигаронро ҷалб намуда, тағйиротҳои фарҳангиро дар ташкилотҳои худ ба даст оранд.

### c. Тағйири парадигми: фаҳмиши дақиқи бо ҳуқуқи инсон асос ёфта

Барои ноил шудан ба дигаргуниҳои мусбати фарҳангӣ мумкин аст, ки изҳороти биниш[43] ё фалсафаи идоракуниро дар асоси принсипҳои ҳуқуқи инсон таҳия шуда ва дар он инсон бояд дар маркази ин ҷараён қарор гирад. Бо дарназардошти он, ки муассисаҳои пӯшида як қисми бузурги бюрократӣ мебошанд ва фаъолияти онҳо тавассути қонунгузорӣ танзим карда мешавад, сиёсатҳои нав ё тағироти қонунгузорӣ метавонад тағирёбии парадигмаро зиёд кунад. Аммо, барои ноил шудан ба самаранокӣ, парадигмаи тағйирот кӯмак мекунад, ки биниши нав аз ҷониби роҳбарият дар коғаз таҳия ва бо шарҳҳои возеҳ баён карда шуда ва дар тамоми ташкилот паҳн карда шавад. Чунин изҳорот бояд мухтасар ва воқеӣ бошад ва барои кормандон маънои муайяни маънавӣ дошта бошанд, то онҳо дар ҷои корашон нуқтаи дурусти истинод бошанд[44]. Пас, қадами навбатӣ ин баррасӣ ва мутобиқ кардани ташкилот бо биниши нав мебошад.

### d. Сохтори фаъолияткунандаи ташкилот

Сохтори амалкунандаи муассисаи пӯшида метавонад ба ғояи он, ки ташкилот чӣ кор хоҳад кард ва чаро таъсир расонад. Ба таври васеъ, ҷараёни тағйири фарҳанг метавонад интиқоли ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодиро ба салоҳияти дигар мақомоти давлатӣ, ки ваколат ва фалсафаи онҳо барои иҷрои ин вазифа бештар мувофиқанд, дар бар гирад. Масалан, интиқол додани низоми маҳбасҳо аз тобеъияти Вазорати корҳои дохилӣ таҳти назорати шаҳрвандии Вазорати адлия як қадами муҳим дар самти безараргардонии маҳбасҳо буда, ба ин васила табдил додани онҳо ба муассисаҳое, ки функсияҳои онҳо барқарорсозиро иҷро мекунанд ва маҳбусонро ҳамчун душман ҳисоб намекунанд, мусоидат мекунад»[45].

Дар дохили худи муассиса, тағироти фарҳангӣ метавонад сохторҳои ислоҳотро барои беҳтар таъмин кардани ҳисоботдиҳӣ ва тағирёбии ваколати кормандон дар бар гирад, масалан: ӯҳдадориҳои функсионалии кормандон на барқарор кардани маҳбусон, на ин ки кӯмак расонидан дар тафтишоти ҷиноӣ ё ҷорӣ кардани вазифаҳои нав дар дохил, ки кормандони он барои эҳтиёҷот ва беҳбудии маҳбусон масъуланд. Масалан, инҳо метавонанд корманди дар тавқифгоҳҳои тафтишотии буда ё мутахассиси идораи муҳоҷирон дар тавқифгоҳҳои нигоҳдории муваққатӣ барои муҳоҷирони ғайриқонунӣ бошанд.

**Бехаратгардонии маҳбасҳо дар Қазоқистон**

Кумитаи зидди шиканҷаи СММ дар гузоришҳои хотимавии худ дар соли 2001, ба тобеъияти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Қазоқистон гузаронидани низоми маҳбасҳоро яке аз дастовардҳои асосии ислоҳоти судӣ-ҳукуқӣ дар Қазоқистон номид. Кумита тавсия дода буд, ки «маҳбасҳо аз тобеияти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Қазоқистон бароварда шуда ба салоҳияти Вазорати адлияи кишвар пурра гузаронида шуда, ба ин васила безараргардонии низоми маҳбасҳо таъмин карда шавад».

*Кумитаи зидди шиканҷаи СММ, гузоришҳои хотимавӣ: Казақистон, 2001с. (UN-Doc. A/56/44(SUPP)).*

---

[40] See A Coyle, Managing Prisons in a Time of Change, op. cit., chapter 4.
[41] Собиқ директори маҳбас дар Австралия, ки бо афтор суҳбат гузаронидааст
[42] A Coyle, Managing Prisons in a Time of Change, op. cit, с.72.
[43] T G Cummings & C G Worley, op. cit., p526.
[44] Собиқ афсари полис, ки бо ӯхангоми таҳияи ҳуҷҷати мазкур суҳбат гузаронида шудааст.
[45] Маркази байналмилалии тадқиқоти пенентитсиарӣ, Guidance note 7, Moving Prisons to Civilian Control: Demilitarisation, 2004.

### e. Сиёсат ва равандҳо

Онҳо бояд баёни васеътари ҳадафҳо ва вазифаҳои ташкилотро инъикос кунанд ва ба принсипҳои ҳуқуқи инсон мувофиқ бошанд. Онҳо бояд амалҳоеро, ки ҳуқуқҳои маҳбусонро халалдор месозанд, ба таври инфиродӣ ва мутобиқи арзёбии эҳтиёҷот, қонунӣ ва таносубӣ андешанд. Татбиқи стандартҳои соҳаи ҳуқуқи инсон на ҳама вақт осон аст. Аммо, як қатор дастурҳои амалие, ки аз ҷониби ниҳодҳои коршиносон, ба монанди Зеркумитаи СММ оид ба пешгирии шиканҷа ва Кумитаи Аврупо оид ба пешгирии шиканҷа таҳия шудаанд, мавҷуданд[46].

Чораҳои мушаххасе, ки аксар вақт аз ҷониби ин созмонҳо тавсия дода мешаванд, зеринанд:

- Низомҳои самараноки ҳисоботдиҳӣ;
- Механизмҳои мустақили баррасии шикоятҳо;
- Мурофиаҳои дақиқи интизомӣ;
- Мониторинги мустақил;
- Низоми динамикии бехатарӣ (нигаред ба қисми f);
- Кафолатҳои асосӣ бар зидди муносибати бераҳмона;
- Муносибати инфиродии арзёбии хатар;
- Фаъолиятҳои мақсаднок ва чораҳо оид ба ҳамгироии иҷтимоии маҳбусон.

### f. Низоми бехатарии динамикӣ

Дар муносибати «Низоми бехатарии динамикӣ» эътироф карда мешавад, ки таъмини бехатарии ҳудуд ва чораҳои бехатарии мурофиавӣ, гарчанде муҳиманд аммо, барои таъмини пурраи амният ва бехатарӣ дар маҳбасҳо кифоя нестанд. Дақиқтар гуем, омилҳое, ки масъалаҳои таъмини амният ва бехатариро муайян карда, «динамикӣ» мебошанд ва кормандон бояд аз ҳодисаҳои дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ содиршаванда огоҳ бошанд.

Умуман эътироф шудааст, ки агар кормандон ба маҳбусон муносибати инсондӯстона ва одилона кунанд, ин ба таъмини бехатарӣ ва тартибот мусоидат мекунад. Ҳодисаҳоро метавон бо роҳи ба роҳ мондани муносибатҳои мусбати байни кормандон ва маҳбусон пешгирӣ кард, ки ин дар навбати худ ба кормандон имкон медиҳад, ки нуқтаҳои норизогиро дар сатҳи шахсон ё гурӯҳҳо муайян кунанд ва бинобар ин дар марҳилаҳои аввал чораҳо андешанд[48]. Азбаски кормандони муассисаҳои пӯшида доираи шахсони дар маҳбасҳо бударо медонанд, онҳо метавонанд махсусан «бадхашм» ё онҳое, ки таҳдиди зӯровариро ба вуҷуд меоранд, муайян кунанд ва мутобиқ ба пешгирии зӯроварӣ чораҳо андешанд. Ғайр аз он, барои баъзе маҳбусоне, ки кӯшиш ба вуҷуд овардани мушкилотро мекунанд, ҷалб намудани дигар маҳбусони мушикил мешавад, агар муносибати умумии кормандон одилона ва мувофиқ бошад[49].

Поскольку сотрудники закрытых учреждений знают свой контингент, они могут выявлять особо «буйных» или тем, кто представляет угрозу применения насилия, и соответственно принять действия, направленные на предупреждение насилия. Помимо этого, некоторым заключенным, пытающимся «замутить» проблемы, будет также труднее заниматься подстрекательством других заключенных, если общий подход, применяемый сотрудниками, будет справедливым и последовательным»[51]

Аз ин рӯ, низоми динамикии бехатарӣ ба рушди муносибатҳои мусбати байни кормандон ва маҳбусон дар якҷоягӣ бо муносибати одилона ва андешидани чораҳои мақсаднок асос ёфтааст.

Қоидаҳои таҷдидгардидаи ҳадди ақҷали муносибат бо маҳбусон ин консепсияро эътироф мекунанд ва ба маъмурияти маҳбасҳо тавсия медиҳанд, ки «то ҳадди имкон пешгирӣ кардани низоъ, миёнаравӣ ё ҳама гуна усулҳои алтернативии ҳалли баҳсро барои пешгирии вайронкунии интизомӣ ё ҳалли муноқишаҳо истифода баранд» (Қоидаи 38).

---

[46] See www.cpt.coe.int
[47] СММ, Prison Incident Management Handbook, 2013г., саҳ.21, 22.
[48] «Инкишофи муносибатҳои мусбат аз ҷониби кормандон бо маҳбусон, ки дар асоси қавигӣ ва адолат таъсисдодашуда дар ҳамбастагӣ бо фаҳмиши вазъи шахсии худ ва ҳамагуна хатарҳо, ки ба маҳбусони алоҳида вобастагӣ дорад». Ниг. Шурои аврупо, Кумитаи вазирон, Recommendation of the Committee of Ministers to member states on the management by prison administrations of life sentence and other long-term prisoners (Rec(2003)23).
[49] A Coyle, A human rights approach to prison management, second edition, саҳ. 59, 60, 69, 70.

### g. Нишонаҳои фарққунанда ва забон

Дар ҷое ки зарурати бо гузашта канда кардани муносибатро талаб мекунад, тағир додани забон ва нишонаҳое, ки аз ҷониби муассисаи пӯшида истифода мешавад, лозим меояд. Масалан, пас аз ҳалли ниҳоии муноқиша дар Ирландияи Шимолӣ, комиссияи мустақил ба хулосае омад, ки «забон ва нишонаҳои фарққунанда», ки аз ҷониби ёварони Шоҳии Олстер истифода шудааст, бо яке аз тарафҳои муноқиша алоқаманд аст, ки ҳамин тариқ ин масъала сиёсикунонида шуд[50]. Аз ин рӯ, ин агентӣ ба Хадамоти полиси Ирландияи Шимолӣ номгузорӣ карда, рамз ва савганди он тағир дода шуд, ки онҳо нисбат ба ҳарду ҷамоатҳои дар Ирландияи Шимолӣ мавҷудбуда бетараф буданд[51]. Дигаргункунии нишонаҳо дар Хадамот аз нуқтаи назари ҳуқуқи инсон таъсири назаррас расонд[52].

### h. Фазои ҷисмонӣ

Муҳити ҷисмонӣ дар маҳбасҳо метавонад монеа шавад ё ба татбиқи ҳуқуқҳои инсон мусоидат кунад. Услуби биноҳо метавонад фалсафаи муайяни марбут ба худи муассисаи пӯшидашударо инъикос намояд. Албатта, тағйир додани бино ва таҷҳизот на ҳамеша имконпазир аст, аммо чунин тағйирот метавонад тағиротро дар фарҳанг таъмин кунад. Намунаи ҷойи дар ҳабс нигоҳдорӣ, ки мутобиқи принсипҳои ҳуқуқи инсон сохта шудааст, маркази ба номи Александр Маконочи (маҳбас) дар Австралия, ки соли 2009 кушода шудааст, буда метавонад[53]. Тибқи иттилои Хадамоти ислоҳоти пойтахти Австралия, ҳудуд ва биноҳо ҳамчун як урдугоҳи (лагер)-и хурд бо мақсади кам кардани нишонаҳои шабеҳи монанд бо ҳабс сохта шуда буданд ва биноҳо дар атрофи «майдони шаҳр», ки маркази ҳаёти маҳбасро иникос мекард, ҷойгир шудаанд[54]. Ҳуҷраҳо тарзе таҳрезӣ шудаанд, ки танҳо мондани маҳбусон ва бино таъмин карда шуда, дар қабули қарорҳои ҳаррӯзаи худ мустақил бошанд, яъне маҳбусон хӯрокҳои шахсии худро пухта, буҷаи худро дар баробари омӯзиш ва бо дастгирии кормандон идора мекунанд. Ҳуҷраҳои воҳӯрӣ бо оилаҳо тавре сохта шудаанд, ки фазои дӯстона ҳис карда шавад. Инчунин қаҳвахона ва ҷой барои тайёр кардани таом якҷоя бо оилаи худ мавҷуд аст.

### i. Ба кор қабулкунӣ, тақсимоти вазифаҳо ва аз кор хориҷ намудани кормандон

Тағироти мусбати фарҳангӣ аз он иборат аст, ки малака ва таҷрибаи кормандон дар сатҳи гуногун иникоси худро дар арзишҳо, сиёсатҳо, ҳуҷҷатҳои нави амалиётӣ ёфта ва ба тақсимоти дурусти вазифаҳо мусоидат намоянд. Шояд ин маънои пурра намудани ҳайати кормандони мавҷуда аз ҳисоби ақалиятҳои этникӣ ва ё маълумоти қасбии дахлдорро дорад. Барои мансабҳои сатҳи миёна бояд кормандоне ҷалб карда шаванд, ки ба раванди тағирот содиқ бошанд - ин равандро роҳбарӣ намоянд, дигаронро боварӣ кунонанд ва ҷорӣ намудану риояи даққиқи тартиботи навро таъмин намоянд.

> **Ҳайати демографии кормандони Маркази ҷойгиркунии муваққатии муҳоҷирони ғайриқонунӣ дар Шветсия**
>
> Қисме аз талошҳо ҷиҳати тағйири фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Маркази ҷойгиркунии муваққатӣ барои муҳоҷирони ғайриқонунӣ дар Шветсия ба ивази ширкатҳои хусусии амниятӣ бо «кормандони иҷтимоӣ, машваратчиён ва одамони дорои таҷрибаи корӣ дар муассисаҳои пӯшида, барои ба назар гирифтани манфиатҳои бештар ва гирифтани таҷрибаи иловагии корӣ ...» равона карда шудаанд.
>
> *Grant Mitchell, Asylum Seekers in Sweden, 2001г.*

Эҳтимол, ин чораҳо инчунин аз кор озод кардани кормандоне, ки барои вазифаҳои нав ё ташкилоти нав мувофиқ нестанд, дар бар мегиранд. Масалан, аз соли 2004 инҷониб ислоҳоти полис дар Гурҷистон бартараф кардани воҳидҳои мушкилидошта ва ихтисори кормандон, аз ҷумла аз кор хориҷ намудани кормандоне, ки ба коррупсия ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ гумонбар мешаванд, дар бар мегирифт[55].

---

[50] Комиссияи мустақил оид ба арзёбии фаъолияти полис барои Ирландияи Шимолӣ, A New Beginning: Policing in Northern Ireland, 1999с., Қисмати 17.

[51] Шурои полиси Ирландияи Шимолӣ, Human Rights Thematic Review: Policing with and for Gay, Lesbian, Bisexual and Transgender Individuals, 2012, с.40; G Ellison, 'A Blueprint for Democratic Policing Anywhere in the World?: Police Reform, Political Transition, and Conflict Resolution in Northern Ireland', Police Quarterly, vol. 10, 2007, с.251; and M Lamb, 'A Culture of Human Rights: Transforming Policing in Northern Ireland', Policing: A Journal of Policy and Practice, 2008с., саҳ.389.

[52] M Lamb, ibid.

[53] J Stanhope, The Prisoner as Human Being, Right Now, 2012 <http://rightnow.org.au/topics/bill-of-rights/the-prisoner-as-a-human-being/> <арзёби 30 ноябри соли 2015 гузаронида шудааст.>.

[54] ACT Corrective Services, Alexander Maconochie Centre information booklet, 2010. See also http://www.cs.act.gov.au/custodial_operations. <арзёби 30 ноябри соли 2015 гузаронида шудааст>.

[55] Бояд қайд кард, ки як қатор афсарони полис, ки барои коррупсия ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ аз кор озод карда шудаанд, баъдтар аз ҷониби Вазоратҳои масъул оид ба низоми маҳбасҳо ва расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба кор қабул карда шуда, дар системаи пенитенсиарии Гурҷистон ҳамчун посбонони маҳбасҳо фаъолият мекарданд.

Дар натиҷа, нисфи кормандони полис дар доираи ин раванд кори худро аз даст доданд[56]. Онҳое, ки мансабҳои худро нигоҳ медоштанд, ба онҳо либоси нав дода, музди меҳнаташонро нисбат ба гузашта тақрибан 9-10 маротиба зиёдтар намуданд[57]. Сарфи назар аз норасоиҳои ошкоршуда дар ислоҳотҳои мазкур[58], нишонаҳои беҳтар шудани амалияи полис мушоҳида мешаванд, аз ҷумла «беҳтаршавии назаррас»-и вазъият ҳангоми муносибати кормандони полис бо маҳбусон[59].

Чанде пеш, дар соли 2012 мири шаҳри Акапулкои Мексика эълон кард, ки ният дорад 500 нафарро аз 1700 узви фаъоли полиси шаҳр пас аз санҷиш дар бораи дахл доштанашон ба амалҳои коррупсионӣ, аз кор озод кунад. Ин изҳорот пас аз гузориши Комиссияи миллӣ оид ба ҳуқуқи инсони Мексика, ки соли 2011 нашр шуда, «хусусияти систематикӣ» доштани фаъолияти ғайриқонунии полис ҳангоми кофтукови маводи мухаддирро тавсиф кардааст.

### j. Тайёрӣ (омӯзиш)

Омӯзиш як қисме мебошад, ки ба кормандон дарк намудани биниши нав, сиёсатҳо ва тартиботи созмон ва инчунин принсипҳои асосии ҳуқуқи инсонро, ки аз онҳо бар меоянд таъмин мекунад. Таваҷҷӯҳ бояд на танҳо ба назария, масалан стандартҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, балки бештар ба масоили амалӣ тавассути муҳокима ва баррасии парвандаҳои мушаххас зоҳир карда шавад. Дар банақшагирии дигаргункунии фарҳангӣ, омодагӣ барои иҷрои нақши муайян низ дар қатори иҷро намудани вазифаҳои муайян муҳим мебошад[61]. Самаранокии курсҳои омӯзишӣ танҳо ҳамон вақт мушоҳида карда мешавад, ки агар онҳо аз ҷониби устодони ботаҷриба гузаронида шаванд, ки онҳо махсусияти оперативии ҷанбаҳои кориро аз ҷумла душвориҳои ҳаррӯзае, ки кормандон дучор мегарданд, донанд[62].

**Омӯзиш ва безараргардонии системаҳои пенитенсиарӣ дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ**

Дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ сарфи назар аз баровардани низоми пенитенсиарӣ аз Вазорати корҳои дохилӣ ва ба тобеияти Вазорати адлия супурдани он, тибқи маълумоти Маркази байналмилалии омӯзиши маҳбасҳо 50% афсарони калони нав таъиншудаи шӯъбаи полис таълими ҳарбӣ мегиранд: «Тағиротҳо ба барномаи таълимӣ дар худ иловаҳо ба барномаҳои таълимии мавҷударо дар бар мегиранд. Барои ноил шудан ба дигаргуниҳои бунёдӣ дар сохтор ва хислати ахлоқӣ, қабули тағиротҳои муҳими бунёдӣ дар барномаҳои таълимӣ ва дар тарзҳои омодагӣ низ зарур мебошад».

*Маркази байналмилалии тадқиқоти маҳбасҳо, "Demilitarisation" in Prison Services in Central and Eastern Europe, A Position Paper.*

### k. Назорат ва пурқувватсозӣ

Чӣ тавре ки мо дар боло дидем, қоидаҳои ғайрирасмии муқаррарнамудаи роҳбарият тавассути тасдиқи иҷтимоии махфӣ назар ба сиёсати расмӣ ба фарҳанг дар муассисаҳои пӯшида метавонад бештар таъсир расонад. Ҳамин тариқ, муҳимияти масъалаҳои танзими дуруст, арзёбии кормандон ва бадастоварии натиҷаҳоро тавассути ҳавасмандкунӣ ва муҷозот набояд аз назар дур монанд. Тавре ки як корманди собиқи полиси Британияи Кабир гуфтааст: «Сиёсатро «бояд собит кард», шумо бояд одамоне дошта бошед, ки онро фурӯшанд, ба он тамаркуз кунанд ва тамоилро бартараф созанд ва ин одамон бояд касоне бошанд, ки дар «замин» кор кунанд».

---

[56] M Devlin, Seizing the Reform Moment: Rebuilding Georgia's Police, 2004 – 2006, Princeton University, Innovations for a Successful Society, 2010 www.princeton.edu/successfulsocieties; J Boda and K Kakachia, The Current Status of Police Reform in Georgia, Geneva Centre for the Democratic Control of Armed Forces (DCAF), 2005.
[57] ibid.
[58] ibid.
[59] Кумитаи аврупои оид ба пешгирии шиканҷа (КАПШ), Гузориш ба ҳукумати Гурҷистон аз натиҷаи сафари Кумитаи аврупои оид ба пешгирии шиканҷа ба Гурҷистон аз 5 то 15 феврали соли 2010., CPT/Inf (2010) 27.
[60] 'Acapulco mayor to fire 500 police officers for corruption', Jurist, 3 November 2012, http://jurist.org/paperchase/2012/11/acapulco-mayor-to-fire-500-police-officers-for-corruption.php <accessed 27 November 2015>.
[61] C Harfield, 'Paradigm not Procedure: Current Challenges to Police Cultural Incorporation of Human Rights in England and Wales', Public Space: The Journal of Law and Social, vol. 4, 2009, с. 91.
[62] Дар асоси таҷрибаи АРТ ва тибқи маълумоти коршиносоне, ки муаллиф бо онҳо суҳбат гузаронидааст.

«Дар ибтидо, шумо якчанд кормандоне доштем, ки зарурияти тағир додани ягон чизро ҷонибдорӣ мекарданд, аксарияте буданд, ки мегуфтанд «биёед бубинем, ки аз ин чӣ мешавад» ва шумораи ками кормандоне, ки зидди он буданд... Таҷрибаи мо нишон дод, ки бо гузашти вақт одамоне, ки дар аввал шубҳа доранд, мехостанд кӯшиш кунанд – агар онҳо иҷрои ягон корро оғоз мекарданду ва ин кор амалӣ мегардад, онҳо ба ин раванд пайваста мегарданд. Инчунин ба мо муяссар гашт, ки дастгирии маҳбусонро тавассути ҷалби онҳо ба раванди қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои марбут ба онҳо, ба даст орем».

*Собиқ директори маҳбас дар Австралия*

### I. Ҳали масъалаҳо вобаста ба зиддиятҳои ташкилӣ: нишон додани он ки тағйиротҳо барои ҳама беҳтар аст

Ҳамеша одамоне хоҳанд буд, ки зидди тағиротҳо баромад мекунанд. Баъзеҳо метарсанд, ки мақоми худро аз даст медиҳанд ё шароити кор бадтар мешавад. Тағирот инчунин метавонад ба манфиатҳои таъминкунанда, ба монанди имкониятҳо барои коррупсия, таҳдид кунад. Ҳамин тавр, таъкид кардан муҳим аст, ки эҳтиром ба фарҳанги ҳуқуқи инсон барои ҳама манфиатовар мебошад ва зарур мебошад, ки кормандон ва маҳбусон инро дар амалия бинанд.

## 4. Қувваҳои пешбаранда ва омилҳои тағйири фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ

Дар баробари ташаббусҳои дохилӣ оид ба тағйири фарҳанг, як қатор омилҳо вуҷуд доранд, ки метавонанд ба тағйироти фарҳангӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ва пойдории он мусоидат кунанд. Азбаски сарчашмаҳои зиёди таъсири фарҳангӣ мавҷуданд, ин омилҳо низ дар сатҳҳои гуногун мушоҳида мешаванд: худи ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ, вобаста ба асосҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, дар дигар муассисаҳо ва субъектҳо, инчунин дар ҷомеа. Тағйир додани фарҳанг дар мавзӯи рӯз низ қадами муҳим ба шумор меравад. Баъзе тадбирҳо дар қисмҳои дар боло зикршуда қайд шудаанд - дар ин ҷо мо дигар масъалаҳоеро баррасӣ мекунем, ки метавонанд барои тағйири фарҳанги дар ҳабс нигоҳ доштан кӯмак мекунанд (рӯйхат мукаммал намебошад):

### а. Дар мавзӯи рӯз ворид намудани масъалаҳои вобаста ба тағйири фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ

Дар аксарияти ҷомеаҳо, эҳтироми ҳуқуқҳои маҳбусон на дар сиёсат ва на дар мубоҳисаи оммавӣ масъалаи афзалиятдор намебошад. Ҳамин тариқ, барои қабул намудани қарорҳо вобаста ба зарурияти тағир додани фарҳанги ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои шакли пӯшида қувваҳои пешбарандаи муайяне зарур мебошад. Муҳимтарин омилҳои тағироти ин ҳодисаҳои ниҳоят муҳим ба монанди марги маҳбусон ё дигар амалҳои зӯроварӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ мебошанд, ки боиси эътирози ҷомеа мегарданд.

Тафтишоти мустақили оммавии чунин парвандаҳо, ки дар сатҳи парламентӣ ё ҳукуматӣ гузаронида мешаванд, метавонанд дар муайян кардани масъалаҳои системавии ҳуқуқи инсон ва зарурияти тағироти фарҳангӣ мусоидат кунанд. Ҳамзамон, қувваҳои ҳаракатдиҳандаи камтар ба назар расанда мавҷуданд, ба монанди гузаронидани мониторинги мунтазами мустақили ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ, мубодилаи таҷриба байни роҳбарият ва кормандони муассисаҳои шакли пӯшида, инчунин таъсири шахсони мансабдор, ки ба тағирот омодаанд ва метавонанд барои оғози раванди тағйирот то ба вуқуъ омадани вазъияти хатарнок, кумак расонанд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва одамони аз озодӣ маҳрумшуда низ метавонанд дар талошҳо оид ба ворид намудани тағйирот дар мавзӯъи рӯз нақши худро дошта бошанд. Масалан, дар охири солҳои 1960 дар Шветсия бо дастгирии гурӯҳҳои оид ба ҳифзи ҳуқуқи маҳбусон як қатор шуришҳо дар маҳбасҳо ба вуқуъ омаданд, ки беҳтар намудани шароити муносибат бо маҳбусон ва таъсиси низоми инсондустонар маҳбасҳоро, талаб мекарданд[63]. Вақте ки гуфтушунидҳо бо маъмурияти маҳбасҳо ғайриқаноатманд ба анҷом расид вазири адлия кумитаеро таъсис дода, ба он чунин ваколатҳоро дод, ки ба раванди азнавсозии ҳамаҷонибаи тамоми низоми маҳбасҳо замина гузошт[64]. Дар натиҷа қонуни нав дар соли 1974 қабул карда шуд, ки он

[63] R Nilsson, 'A well-built machine, a Nightmare for the Soul': The Swedish Prison System in Historical Perspective', Journal of the Institute of Justice and International Studies, vol. 1, 2002, стр.17. Барои бозҳам бештар тавсири шуришҳое, ки аз ҷониби маҳбусон ташкил карда шудаанд ва гуфтушунидҳои вобаста ба он дар соли 1970 ва 1971 дар Шветсия. ниг. T Mathiesen, 'Organisation among the Expelled', in Scandinavian Studies in Criminology, vol. 4, Universitetsförlaget, 1974, саҳ.129-172.

[64] Собиқ роҳбари гурӯҳи тадқиқотӣ, Хадамоти маҳбасҳо ва пробатсияи Шветсия, ҳангоми суҳбат бо муаллиф.

нисбат ба муносибат бо маҳбусон хайрхоҳона буда, ба тағироти назаррас дар низоми пенитенсиарии Шветсия оварда расонид. Дар ин мисол инчунин таъсири мусби вобаста ба он, ки маҳбусон бояд аз ҳуқуқҳои худ огоҳ бошанд, дида мешавад.

### b. Дастрасӣ ба ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ

Таъмини шаффофияти муассисаҳои шакли пӯшида ба таъсиси мутавозини таъсири фарҳангӣ мусоидат намуда, ҳамчун омили худдорикунанда аз эҳтимолиятҳои суиистифода хизмат мекунад. Ин як қатор ташаббусҳоро аз қабили таъмини назорати берунии ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ аз ҷониби нозирони мустақил, ба монанди ташкилотҳои ғайридавлатӣ, мақомоти миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, таъмини ташрифи шахсони мансабдор ба монанди судяҳо ва прокурорҳо ва гузаронидани тафтишоти ҷамъиятӣ дар амалияи боздоштро дар бар мегирад. Ин чораҳо инчунин додани иҷозат ба ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ вобаста ба ташриф овардани ин ҷойҳо барои пешниҳоди хизматрасонҳо ва ташкили робита байни маҳбусон ва ҷаҳони беруна, аз ҷумла тавассути ташкили мулоқот бо аъзоёни оиларо, дар бар мегирад. Охиринаш ба тавонбахшӣ ва ҳамгироии маҳбусон баъд аз озод шудан мусоидат намуда, мутаносибан такроран содир намудани ҷиноят коҳиш меёбад.

Тағироти фарҳангӣ метавонад ба бартараф кардани монеаҳои сунъие, ки чун қоида дар байни мақомоти масъули муассисаҳои шакли пӯшида ва субъектони соҳаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ниҳодҳои миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва доираҳои илмие, ки бо ин масъалаҳо сарукор доранд, кӯмак кунад. Аксаран аввалинҳо охиринҳоро ҳамчун вайронкунандагони оромӣ пазируфта ё табиати кории онҳоро намефаҳманд. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки тағироти фарҳангӣ танҳо вақте самарабахш хоҳанд шуд, ки агар онҳо дар асоси созанда кор кунанд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонад донишҳои мутахассисона пешниҳод кунад, мушкилотро нишон диҳад ва ҳалли онро пешниҳод намояд, мубодилаи таҷрибаҳои байналмилалӣ ва равандҳои тағиротро пайгирӣ кунад, то ки ба устувории онҳо мусоидат намояд.

### c. Қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ ҳамчун қувваи пешбаранда дар тағйири фарҳанг

Қонунгузорӣ қисми ҷудонашавандаи бисёр равандҳои тағйироти фарҳангӣ дар ҷойҳои маҳрум сохта аз озодӣ мебошад. Ба он қонунгузорӣ, ки қоидаҳо, тартибот ва масъулиятҳои мушаххасро оид ба нигоҳдорӣ ва тағир додани чизҳо муқаррар мекунад, дохил мешавад. Онҳо инчунин қонунғузории соҳаи ҳуқуқи инсонро дар бар мегиранд, ки як қатор принсипҳоро дар бар гирифта, бояд кормандон дар ҷараёни фаъолияти худ онҳоро риоя намоянд. Дар баъзе ҳолатҳо, қонунгузорӣ метавонад тағиротро дар рафтори ҷомеа инъикос намояд ё мутобиқи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ё тавсияҳои мақомоти экспертӣ қабул карда шавад. Имрӯз мубоҳисаҳо дар бораи он, ки оё танҳо қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон метавонад ба тағйироти фарҳангӣ дар муассисаҳои шакли пӯшида оварда расонад, мавҷуданд аммо, ҳеҷ шубҳа нест, ки қонунҳо метавонанд саҳми худро гузоранд.

Сиёсати давлатӣ инчунин метавонад ба парадигмаи муассисаҳои шакли пӯшида ва ташаккули ғояҳо, аз ҷумла инъикоси назари васеътари иҷтимоӣ оид ба масъалаҳои дар ҳабс нигоҳ доштанро иникос намояд. Мутаассифона, сиёсати ҳукумат дар бораи маҳрум сохтан аз озодӣ метавонад эътинокунанда ё тақозокунандаи вазъият бошад, масалан, дар арафаи интихобот, қабули сиёсат ва қонунҳое, ки дар робита ба ҷиноят ё муҳоҷират таъсири сахт доранд, оғоз мешавад. Аммо, қонунҳо метавонанд таъсири мусбат низ дошта бошанд.

Соли 2008, дар Австралия сиёсати муҳоҷират аз шакли боздошти ҳатмии муҳоҷирони ғайриқонунӣ ба «муносибати ба муштариён равонашуда» гузашт, ки дар доираи он дар ҳабс нигаҳдорӣ ҳамчун чораи охирин ҳисоб карда мешуд[65]. Ин ҳолатҳо албатта ба муҳоҷирони боздоштшуда таъсири мусбӣ расонид, гарчанде ки аз он вақт инҷониб аксари дастовардҳои пеш вуҷуддошта дар натиҷаи тағирот дар Ҳукумат ва сиёсати он аз даст рафтаанд[66]. Қонунгузорӣ метавонад муайяниро ба вуҷуд орад, ки дар сиёсатҳои пешниҳодшудаи ҳукумат мавҷуд набошад.

---

[65] J Phillips and H Spinks, Immigration detention in Australia, Parliament of Australia, 2012.

[66] Аз натиҷаи муҳокимаронии конфронс, Implementing Human Rights in Closed Environments, Университети Манас (Мельбурн, Австралия) 20–21 феврали соли 2012, нишасти парлумонӣ 7D: Паноҳгоҳ ва муҳоҷират.

### d. Таъсири дигар муассисаҳо ва субъектон ба фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ

Далели маҳрум  сохтан аз озодӣ дар доираи васеътари институтсионалӣ ба амал меояд. Масалан, мақомоти судӣ аксар вақт қарорҳо дар бораи  ба ҳабс гирифтанро қабул намуда, кафолати риояи чораҳои ҳифзкунандаро аз муносибати бераҳмона таъмин мекунад. Кормандони прокуратура назорати фаъолияти полисро ба роҳ монда, функсияҳои назоратиро дар муассисаҳои шакли пӯшида амалӣ мекунанд. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои назорат ва ҳисоботдиҳӣ аз ҷумла тавассути тафтишоти холисона ва таъқиботи судӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳо, ки ҷиноят ҳисобида мешаванд, масъул мебошанд. Муносибат ва арзишҳои ин ашхос метавонанд ҳамчун ҳавас ё монеа дар тағйири фарҳангӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан  аз озодӣ баромад намоянд. Дар навбати худ, онҳо метавонанд дар маҷмӯъ дар зери  таъсири ҷомеа монанд.

Масалан, дар бисёр кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), мақомоти прокуратура функсияҳои назоратии муассисаҳои шакли пӯшидаеро иҷро мекунанд. Бо вуҷуди ин, мақомоти прокуратура яке аз чандин мақомотҳое боқӣ мондааст, ки аз давраи Шӯравӣ инҷониб дар он ислоҳот гузаронида нашудаанд. Гарчанде ки прокурорҳо мунтазам ба маҳбасҳо меоянд ва бо афсарон ва маҳбусон мулоқот мекунанд, вале онҳо аксар вақт маъмурияти маҳбасро дастгирӣ мекунанд ва муроҷиатҳо дар бораи риоя нагардидани ҳуқуқи инсон нисбати маҳбусонро дуруст тафтиш намекунанд.

**Нақши мақомоти  судӣ дар тағйири фарҳанги полис дар Британияи Кабир**

«Дар гузашта, фарҳанги истифодаи муносибати бераҳмона  вуҷуд дошт. Барои ба даст овардани иқрор муфаттишон гумонбаршудагонро латукӯб карда метавонистанд. Албатта, қоидаҳое буданд, ки чунин муносибатро манъ мекарданд, аммо дар асл ҳеҷ кас риояи онҳоро маҷбур намекард ва судҳо ба он чашм мепӯшиданд ... Аммо, ҷомеаи Британӣ ба тағирот шурӯъ кард. Ва баъд судяҳо тасмим гирифтанд, ки дигар ба ин ҳолат чашм напушида,  аз қабули далелҳо тавассути маҷбуркунӣ саркашӣ карданд. Ин чораҳо ба полис таъсири бузург расонд, зеро барои корманди полис аз даст додани парванда чизи бадтаре нест».

*Собиқ афсари полиси Бритонияи Кабир*

### e. Зарурати тағйири фарҳанг дар ҷомеа

Барои ноил шудан ба натиҷа ва таъмини устувории воқеӣ, тағирот дар фарҳанги ҳуқуқи инсон бояд бо тағйири арзишҳо дар ҷомеа дар маҷмӯъ ҳамроҳ бошанд. Масалан, ислоҳоти Қувваҳои полиси нави Ҷанубии Уэлс, Австралия сатҳи коррупсияро кам кард, аммо ба беҳтар шудани муносибатҳо бо гурӯҳҳои ақаллиятҳо камтар таъсир расонд[67].   Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки сабаби ин «нигарониҳои паҳншуда дар бораи коррупсия дар ҷомеа ва дар сатҳи сиёсӣ» на ин ки  «масъалаҳои паҳншавии табъиз дар полис ё сӯиистифода аз мансаб» мебошад[68]». Васоити ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа ва чихел ҷомеа ва шахсоне, ки қарор қабул кунанда бартариҳоро дар соҳаҳои гуногун ҷо ба ҷо мекунанд,  нақши муҳим мебозанд.  Мутаассифона дар ВАО тамоюлҳо ва кушишҳо  дар додани диққат ба масъалаҳо дида мешавад, алалхусус агар сухан дар бораи масъалаҳои ба ҳабс гирифтан равад  масалан, мушкилоти ҷиноятгорӣ, моводи мухаддир ва муҳоҷират ба ҷанбаҳои манфӣ дохил шуда  ва ба ин васила амалҳои онҳо ба ҳайси катализатор хизмат карда ба  «қабули қонунҳо ва сиёсатҳои сахттари ҷазодиҳӣ ва аксуламал» оварда мерасонад[70].  Ҳамзамон, фаъолияти иттилоотии  васоити ахбори омма метавонад ба тағйир додани муносибат ва муносибат, ки зарурати эҳтироми ҳуқуқи инсонро дар маҳбасҳо ва беҳтар кардани муносибат нисбати маҳбусон эътироф мекунанд, мусоидат кунад.

---

[67] J Chan, 'Changing Police Culture', British Journal of Criminology, vol. 36, issue 1, 1996, с.109.
[68] ibid., с.130.
[69] Juvenile Detention Alternatives Initiative, Using media advocacy to promote detention reform: A practical guide to juvenile detention reform, 2009.
[70] ibid.

# Ташкилотҳои мониторингиро ҷиҳати тағйир додани фарҳанг чӣ бояд кард?

Барои тағйири фарҳанг барои ташкилотҳои мониторингӣ таҷрибаи касбӣ, доштани малака ва фаҳмиш ҷиҳати дарки пурраи фарҳанг дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ дар ҷараёни бозбиниҳои худ, зарур мебошад. Ин маънои онро дорад, ки онҳо бояд дар бораи муассисаҳое, ки ташриф меоранд, маълумоти васеъ дошта бошанд. Аъзоёни ташкилотҳои мониторингӣ, ки таҷрибаи бевоситаи корӣ ба ҳайси як корманди пештара ё маҳбусон дар ин муассисаҳо доранд, метавонанд ин таҷрибаро барои беҳтар дарк кардани фарҳанг дар чунин муассисаҳо истифода баранд. Аъзоёни ташкилотҳои мониторинг бояд аз нуқтаи назари малака ва таҷрибаи касбии худ ба намояндагони мақомот ва ҷомеа эътимод бахшанд, то онҳо тавонанд фарҳангро тағир диҳанд. Азбаски барои тағйир додани фарҳанг вақти муайян лозим аст, ташкилотҳои мониторингӣ бояд дар назди худ ҳадафҳои дарозмуддат гузошта, дар кори худ қавиирода бошанд.

UNDEF The United Nations Democracy Fund — FNUD Fonds des Nations Unies pour la démocratie

apt association pour la prévention de la torture / asociación para la prevención de la tortura / association for the prevention of torture

PENAL REFORM INTERNATIONAL

## Мавод барои гузаронидани мониторинги чойхои махрум сохтан аз озоди

**Идоракунии омилҳои хатари пешгирикунии шиканча ва муносибати бераҳмона**



# Дар бораи ҳуҷҷат

Ҳуҷҷати мазкур як қисми воситаи Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо (PRI) барои гузаронидани мониторинги ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ буда, ҳамчун маводи таҳлилӣ ва роҳнамоии амалӣ барои ташкилотҳои мониторингӣ, аз ҷумла барои Механизми миллии пешгирикунанда барои иҷрои самараноки ваколатҳои пешгирикунанда ҳангоми боздид аз идораҳои полис ва маҳбасҳо, истифода мешавад.

Воситаи мазкур барои кумак ба чунин мақомот, ки дар ҳалли мушкилоти марбут ба омилҳои системавии хавф, ки ба фароҳам овардани муҳите, ки дар он ҷо шиканҷа ё дигар намуди муносибати бераҳмонаа истифода мешавад, мусоидат мекунад. Воситаи зикргардида аз инҳо иборат аст:

**Ҳуҷҷатҳои мавзӯӣ:** дар онҳо таҳлили васеъи мавзӯъҳо ҷамъ овварда шудаанд, ки барои такмили муносибати маҷмӯӣ ба мониторинг, баррасии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва амалияи тамоми системаи адолати судии ҷиноятӣ бо тамаркуз ба ҷанбаҳои мисли мушкилии гендерӣ, тамоюли ҷинсӣ ё фарҳанги институтсионалӣ равона карда шудаанд.

**Варақаҳои иттилоотӣ:** дастури амалӣ дар бораи он, ки чихел ташкилотҳои мониторингӣ метавонанд ба мушкилиҳои системавӣ, аз ҷумла гузаронидани кофтукови шахсӣ ё шароити кории кормандони маҳбасҳо диққати махсус зоҳир намоянд, ки омилҳои хатари баланди истифодаи шиканҷа ё муносибати бераҳмонаро дар бар гирад.

Ҳамаи сарчашмаҳо дар шакли мавод дар сомонаи интернетии **www.penalreform.org** ва **www.apt.ch.** низ дастрас мебошанд. Мавҷудияти ҳуҷҷатҳоро бо забонҳои дигар дар сомонаи мазкур тафтиш кунед.

**Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо (Penal Reform International)**
60–62 Commercial Street
E1 6LT Лондон, Британияи Кабир

**www.penalreform.org**
@PenalReformInt

**Иттиҳод оид ба пешгирии шиканҷа (Association for the Prevention of Torture)**
PO Box 137
CH-1211 Женева 19 Швейтсария

**www.apt.ch**
@apt_geneva